آواز تاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

23 феврали соли 2022
Чоршанбе
№ 15 (14820)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

**Нуқтаи назари депутат**

## ҲАМОҲАНГИИ АДОЛАТ ВА ИНСОНПАРВАРӢ

***Ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ, амалӣ гардонидани ормонҳои мардуми мо, бахусус, устувории қонуну адолат дар кишварамон солҳои охир ба мақсади асосии ислоҳот табдил ёфтанд.***

Стратегияи миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон оид ба ҳуқуқи инсон, ки соли 2020 қабул шудааст, ба ҳамин мақсад нигаронида шуда, дар ин ҳуҷҷати таърихӣ вазифаҳо ва самтҳои асосии татбиқи сиёсати пайвастаи давлатӣ доир ба таъмини ҳуқуқ ва озодии инсон муайян гардидааст.

Дар доираи Стратегияи амалиёт оид ба панҷ самти рушди устувор дар солҳои 2017-2021 дигаргуниҳое, ки мардуми мо солҳои зиёд интизори он буданд, ба амал омаданд ва мо ба дастовардҳои бузург ноил гардидем. Дар даврҳои гузашта таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев корҳои бузург ба анҷом расонида шуданд ва ягон соҳае нест, ки навсозӣ нашуда бошад.

Қобили зикр аст, ки пурзўр гардондани ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон ва коҳиши камбизоатӣ аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян шуда, таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои нави корӣ ва манбаи кафолатноки даромад, хидматрасонии босифати тиббию таълимӣ, шароити арзандаи зиндагӣ ба сатҳи сифатан нав бардошта шуд.

Дар доираи Стратегияи амалиёте, ки собитқадамона ва устуворона татбиқ мегардад, тамоми имкониятҳо барои ҳосил кардани боварии баланди халқи мо, амалӣ гардидани орзую умеди онҳо, таъмини зиндагии ободу фаровон сафарбар карда шуданд ва дар натиҷа мардум дигаргуниҳои мамлакатро дар ҳаёти худ ҳис мекунад.

Ҷорӣ карда шудани низоми тамоман нави авф ва бо кафолати иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аз ҷазо озод кардани шахсон бо мақсади таъмини ҳуқуқи инсон ҳаёти ҳазорон одамонро равшану обод кард.

Фармони Президент «Дар бораи авф кардани як гурўҳ шахсоне, ки аз озодӣ маҳрум шудаанд, аз кирдорашон самимона пушаймон шуда, қатъиян ба роҳи ислоҳ гузаштаанд», бемуболиға, ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати инсондўстонаи давлатамон дар ин самт буд.

Дар ҳаёти одамоне, ки бо ин санад авф карда шудаанд, мазмуни тамоман нав пайдо шуд. Дарвоқеъ, озодӣ яке аз бузургтарин неъматҳои ба инсон додашуда аст. Онҳое, ки надониста ҷиноят содир кардаанду имрўз паси панҷара нишастаанд, хуб мефаҳманд, ки имрўз бо кадом сабаб дар ин ҷоянд.

Мувофиқи фармон авфи 63 нафар шаҳрвандоне, ки донистаю надониста дар банди 23-и моддаи 93 Конститутсия ҷиноят содир намуда, аз кирдори худ сидқан пушаймон шудаанд ва қатъиян ба роҳи ислоҳ гузаштаанд, ба бисёр оилаҳо шодию хурсандӣ ва умед бахшид.

Ин воқеа зуҳуроти амалии сиёсати инсонпарваронаест, ки дар мамлакати мо пеш гирифта мешавад, хислатҳои аҷиби мардуми мо, аз қабили таҳаммулпазирӣ, бахшандагӣ, саховатмандӣ ва накўкорӣ мебошад. Хушбахтии бузург аст, ки ба онҳое, ки дар кўчаҳои ҷиноят гумроҳ шудаанд, имкони баргаштан ба маҳалла, оила ва фарзандони худ фароҳам оварда мешавад.

Имрўз дар назди ҳамаи мо вазифае меистад, ки шахсони афвшуда ба ҳаёти иҷтимоӣ мутобиқ гарданд, бо меҳнати судманд машғул шаванд, тарзи ҳаёти солимро пеш баранд ва дар ҷомеа мавқеи сазовор пайдо кунанд. Ин маънои онро дорад, ки мо бояд ба онҳо кумак кунем, ки то бо тиҷорат машғул шаванд ва фаъолияти соҳибкории худро оғоз карда, бо ҷойи кори муносиб таъмин шаванд.

Инсон дар тўли умри худ донистаю надониста хато мекунад. Аммо, бори дигар бахшидан, дастгирӣ кардан ва роҳнамоӣ ба гумроҳшудагон намунаи олии инсондўстии мардум аст. Имзо карда шудани ин санад далели амалии сиёсати инсонпарваронаи давлати мост.

**Одинахон ОТАХОНОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

***Палатаи поёнии парлумони Фаронса – Ассамблеяи Миллӣ Муоҳидаи байниҳукуматиро бо Ўзбекистон дар бораи мусофир ва боркашонии байналхалқӣ аз тариқи нақлиёти автомобилӣ тасдиқ кард.***

## ПАЛАТАИ ПОЁНИИ ПАРЛУМОНИ ФАРОНСА МУОҲИДАИ БАЙНИҲУКУМАТИРО БО ЎЗБЕКИСТОН ДАР БОРАИ МУСОФИР ВА БОРКАШОНИИ БАЙНАЛХАЛҚӢ АЗ ТАРИҚИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ МАЪҚУЛ КАРД

Бинобар хабари сафоратхонаи Ўзбекистон ҳуҷҷат тартиб ва шарти татбиқ намудани мусофир ва боркашонии бақайдгирифташударо аз тариқи автомобил дар байни ду мамлакат ва транзити онҳо бинобар ҳудуди ин мамлакатҳо, ҳамчунин аз тариқи кишварҳои сеюм мушаххас менамояд. Табодули ҳарсолаи миқдори аз ҷониби тарафайн мувофиқшудаи бланкаҳои рухсатӣ барои амалӣ намудани боркашониҳои байналхалқӣ пешбинӣ мегардад.

Ин муоҳидаи байниҳукуматӣ дар ҷараёни сафари расмии Президенти Ўзбекистон ба Фаронса, ки 8-9 октябри соли 2018-ум ба амал омада буд, ба имзо расид. Ҷониби Ўзбекистон аллакай тартиботи дохилиеро, ки барои амалӣ гардидани Муоҳида зарур мебошанд, анҷом дод. Солҳои охир муносибатҳои дуҷонибаи тиҷоративу иқтисодӣ муттасил вусъат меёбанд, ки рушди минбаъдаи соҳаи нақлиёту логистикаро тақозо менамояд, ба имзо расидани ҳуҷҷати мазкур ба ин амалиёт мусоидат мекунад.

Пешбинӣ мегардад, ки рўзҳои наздик муоҳидаи зикршудаи байниҳукуматӣ аз ҷониби палатаи болоии парлумон – Сенати Фаронса тасдиқ мешавад.

Ҳуҷҷат баъд аз 30 рўзи гирифтани нота – хабарномаи ҷониби Фаронса бобати анҷом ёфтани тартиботи дохилидавлатӣ эътибор пайдо мекунад.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри Париж.*

## СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ – ТАҲКУРСИИ РУШДИ МИЛЛӢ

***Солҳои охир дар натиҷаи ислоҳоти ба амал татбиқшудаистода иқтисодиёти мамлакат имкониятҳои зиёде фароҳам оварда мешаванд, ки аз рушди босуръати иқтисодиёти Ўзбекистон далолат медиҳад. Президент Шавкат Мирзиёев ба мақсади таъмини ислоҳоти пайгирона фармонро «Дар бораи стратегияи рушди Ўзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026» ба имзо расонд, ки дар он ислоҳотҳои нав акси худро ёфтааст. Бо ин ҳуҷҷат барномаи давлатӣ оиди Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026 ва татбиқи он дар «Соли гиромидошти қадри инсон ва маҳаллаи фаъол», ки тибқи тамоюли «Аз стратегияи ҳаракат – ба сўйи стратегияи тараққиёт» коркард шудааст, тасдиқ гардид.***

Дар стратегияи рушд барнома ва нақшаҳои наве, ки рушди ҳамаи соҳаҳоро дар бар мегирад, пешбинӣ шудаанд. Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав аз ҳафт самт иборат буда, самти сеюми он нақшаҳои рушди иқтисодиёти мамлакатро дар бар мегирад.

Дар он рушд ва афзоиши баландсуръати иқтисодиёти мамлакат аз вазифаҳои муҳим маҳсуб меёбад.

Дар чаҳорчўби вазифаҳои муайяншуда:

– Дар доираи таъмини устувори иқтисодиёт чораҳо оиди кам кардани инфлятсия дар соли 2022 то 9 фоиз, дар соли 2023 5 фоиз ва норасоии фискалӣ то 3 фоиз андешида мешаванд. Баробари ҳамин, дар бонкҳои тиҷоратие, ки давлат низ аз он саҳмдор аст, ҷараёни трансформатсия ба охир расида, то охири соли 2026 дар активҳои банк саҳми секторҳои хусусӣ то ба 60 фоиз расонда мешавад.

Аз соли 2023 ставкаи арзиши андози ҷамъшуда 12 фоиз, ставкаи андози фоидаи банк, молия, телекоммуникатсия ва дигар самтҳои соҳибкорӣ то ба 15 фоиз коҳиш дода мешавад. То соли 2026 тавассути фаъол ҷорӣ кардани технологияҳои «иқтисодиёти сабз» ба ҳамаи соҳаҳо баланд бардоштани самаранокии қувваи иқтисодиёт ба 20 фоиз ва кам кардани ҳаҷми газҳои зараровар ба ҳаво ба 20 фоиз чораҳо андешида мешаванд.

Роҳбари давлат ҳамаи имкониятҳои сохтори идоракунии давлат ва ҷамъиятро бо қувваи бузург ва иштиёқи баланд ба ҳамин мақсади нек сафарбар карда истодааст.

Тамоюли мазкур на танҳо ба ҳаллу фасли пайгиронаи мушкилоти иҷтимоии мавзеъҳо, балки ба фароҳам овардани шароит ба баробарии ҳуқуқу имкониятҳо низ хидмат мекунад.

Дар самти аввали стратегияи рушд пурзўр гардондани нақши ҳизбҳои сиёсӣ ва парлумон дар муайян кардани ислоҳоти демократӣ ва модернизатсияи мамлакат, рушди асосҳои ҳуқуқиву ташкилӣ дар хидматҳои давлатӣ, ба амал татбиқ намудани механизми назорати ҷамъиятӣ ва пурзўр гардондани нақши ВАО ва институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ пешбинӣ шудааст.

То соли 2026 ба ду баробар кам кардани камбизоатӣ тавассути бо шуғли доимӣ таъмин намудани аҳолӣ, аз тарафи давлат бепул омўзонидани ҷавонон ва шаҳрвандони бекор ба касбу ҳунари малаканок, рушди соҳибкории оилавӣ, дастгирии оилаҳои камбағал дар назар дошта шудааст.

Чунин чорабиниҳо аҳамияти калони таърихӣ доранд. Ноилшавӣ ба ин натиҷаҳо аз пурсамар ба амал татбиқ гардидани ислоҳоти иқтисодиву иҷтимоӣ дар мамлакат дарак медиҳад. Яъне ба ду баробар коҳиш ёфтани камбағалӣ кафолати афзоиши ҳақиқии ҳамаи соҳаҳо мебошад. Дар стратегияи рушд ба мақсади ба зинаи нав бардоштани таъмини шуғли доимии бонувон, пурзўр гардондани нуфуз ва мавқеи онҳо дар идоракунии ҷамъият ва давлат, шароит фароҳам овардан барои ошкор гардидани иқтидори онҳо, баробарии гендерӣ, ҳифзи оила, модар ва кўдак қабули барномаи миллӣ ба назар гирифта шудааст. Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав ба зинаи нави рушди миллӣ оғоз мебахшад. Стратегия дар асоси тамоюли нави «инсон – ҷамъият – давлат» ташаккул меёбад.

Мувофиқи талаби замон афзоиши баландсуръати рушди иқтисодиёти миллӣ, таъмини устувори макроиқтисодиёт, паст кардани сатҳи инфлятсия, дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, ба амал татбиқ намудани вазифаҳо доир ба рушди иқтисодиву иҷтимоии маҷмўии мавзеъҳо рушди иқтисодии мамлакатро ба зинаи нав мебарорад.

Ўзбекистон аз ҷумлаи мамлакатҳое ба шумор меравад, ки дар натиҷаи ислоҳоти иқтисодӣ, ки дар ҳамаи самтҳо амалӣ мешаванд, ба муваффақиятҳои бузург ноил мегардад.

Ин дигаргуниҳои бузурги мусбат аз тарафи ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ эътироф мегардад ва мамлакатамон соҳиби нишондиҳандаҳои баланди рейтингӣ мегардад. Ҳамаи ин натиҷаи коркарди дурусти стратегия ва сиёсати иқтисодии нав буда, дуруст будани роҳи интихобнамудаамонро дар ҷодаи тараққиёт собит менамояд.

**Фирўза РАҲМАТУЛЛОЕВА,**
**дотсенти кафедраи иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии Бухоро, номзади илмҳои иқтисодӣ.**



## 80 НАФАРРО БО ШУҒЛ ФАРО МЕГИРАД



*Дар ҳудуди мавзеи Ғурумсаройи ноҳияи Попи вилояти Наманган аз ҷониби ҶММ «The Garden» ба маблағи қимати умумиаш 20 миллиард сўм лоиҳаи ташкил кардани хоҷагии гармхона ба амал бароварда мешавад.*

*Мувофиқи лоиҳа дар 5,5 гектар майдон гармхонаҳо сохта шуда, ба давлатҳои Аврупо содир намудани маҳсулоти сабзавоти истеҳсолгардидаи он ба нақша гирифта шудааст.*

*Масоҳати умумии майдон 24,6 гектарро ташкил медиҳад.*

*Алҳол дар 3 гектар майдон корҳои сохтмони гармхонаҳо ба анҷом мерасанд. Дар асоси лоиҳа он аз моҳи марти соли ҷорӣ ба фаъолият шурўъ бояд кард ва 80 ҷойи нави корӣ фароҳам хоҳад омад.*

***Дар сурат:** дар гармхона.*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

## ХУСУСИГАРДОНИИ ҚИТЪАҲОИ ЗАМИНӢ БАРОИ КИШОВАРЗӢ

***Дар Маркази матбуоти миллӣ бо иштироки роҳбарони Агентии кадастри назди Кумитаи давлатии андози ҷумҳурӣ таҳти мавзўи мазмуну моҳияти қонуни Ўзбекистон дар бораи хусусигардонии қитъаҳои замине, ки барои кишоварзӣ муқаррар нагардидаанд, анҷумани матбуотӣ баргузор гардид. Қарори дар ин хусус қабулкардаи Девони Вазирон низ мавриди баррасӣ қарор гирифт.***

Роҳбари идораи методология дар соҳаи геодезия ва картография Б.Нишонов, ҷонишини роҳбари кор бо ҳудудҳои пешбурди кадастрҳои давлатӣ Қ.Бобоҷонов ва дигарон таъкид карданд, дар асоси ба шахсони ҷисмонию юридикӣ додани ҳуқуқи соҳибӣ кардан, истифода ва ба иҷора додан тартиби маъмурӣ тасдиқ гардидааст.

Тартиби татбиқи қитъаҳои замин барои ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорию шаҳрсозӣ онлайн-музоядаи электронӣ муқаррар шудааст.

Ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ барои бо тартиби якка манзил сохтан ва корҳои ободонӣ пеш бурданашон дар асоси ҳуқуқи ба мулк доштаи онҳо қитъаҳои замин тавассути аукциони электронӣ-онлайн реализатсия карда мешавад.

Барои барпои хонаву ҷой ва ободонӣ ба тартиби якка ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ то 0,04 гектар қитъаҳои замин ҷудо гардида, аукциони онлайн, тавре дар боло зикр кардем, татбиқи худ меёбад.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

**АЗ СТРАТЕГИЯИ АМАЛИЁТ – БА СТРАТЕГИЯИ РУШД**

## ИСЛОҲОТИ МАКТАБУ МАОРИФ – ДАР МАДДИ НАЗАР

***Стратегияи ҳаракат, ки барои панҷ сол пешбинӣ гардида буд, ба анҷом расид. Акнун барои солҳои 2022-2026 Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав таҳия ва тасвиб гардид. Президент 28 январи соли 2022 ба Фармон «Дар бораи Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026» имзо гузошт. Дар он, ки дар асоси тамоюли «Аз Стратегияи амалиёт – ба Стратегияи рушд» таҳия шудааст, ба ҳамаи соҳаҳо дахл гардида, алалхусус ба татбиқи Барнома дар Соли гиромидошти қадри инсон ва маҳаллаи фаъол эътибори ҷудогона нигаронида шудааст.***

Тавре ки гуфтем, дар қатори соҳаҳои зиёд масъалаи мактабу маориф, ислоҳи он аз мадди назар дур намондааст.

«Дар доираи вазифаҳо оид ба баланд бардоштани сифати таълим, ки дар Стратегияи рушд муайян шудааст, дар соли 2022:

а) аз 1 апрел аз андозаи даромад пардохтҳо ба андозаи то 3 миллион сўм дар як моҳ барои падару модароне, ки фарзандонашон дар муассисаҳои таълимии томактабии ғайридавлатӣ ва мактабҳо таҳсил мекунанд, озод карда шавад» – омадааст дар ин Фармони Президент.

Ё дар ҷойи дигар:

б) бо мақсади ба талаботи замон мувофиқ кунондани низоми маълумоти миёна:

барои татбиқи барномаи нав кардани китобҳои дарсии муассисаҳои таълими ҳамагонии миёна аз ҳисоби Буҷаи давлат 605 миллиард сўм ҷудо карда шавад;

141 000 ҷойи нави донишандўзиро ташкил намуда, то охири соли 2026 миқдори он ба 6,4 миллион нафар расонда шавад».

– Ин нуктаҳо барои мо – омўзгорон басо муҳиманд, – мегўяд ҷонишини директор оид ба корҳои маънавӣ-маърифатии мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 46-уми ноҳияи Фориш Қодир Исоев, – зеро баробари ба ислоҳи мактабҳо, баланд бардоштани сифати таълим, таҳия ва нашри нави китобҳои дарсӣ маблағи зарурӣ равона кардан ва эътибори алоҳида нигаронидан, зиёд кардани маоши омўзгорон дар як вақт бо табибони боистеъдод низ дар назар дошта шудааст. Мо ин паҳлўҳои Стратегияи рушдро мақбул дониста, дарки амиқи моҳияти онро ба ҳампешагон ҳамеша талқин мекунем.

Дарҳақиқат, ба таълими халқ ва коркунони ин соҳа, ки барои фардои ҷомеа мутахассисони ногузирро омода мекунанд, то ин вақт ба ин дараҷа ғамхорӣ зоҳир нагардидааст. Дар Фармони Президент оид ба омода намудани лоиҳаи қарор дар ин бора ба вазорату идораҳои дахлдор супориши қатъӣ дода шудааст ва аз ҷумла, чунин омадааст: «куллан аз нав дида баромадани тартиби додани тоифаи ихтисосӣ ба омўзгорон ва духтурон бо ҷалби корбастҳои байналмилалӣ, инчунин ҷорӣ кардани низоми адолатнок ва шаффоф дар асоси методологияи арзёбии ихтисос таъмин карда шавад.»

Мо аз ҳар як банди Фармон «Дар бораи Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026» як олам маъно ва мазмун дармеёбем. Алалхусус, нуктаҳое, ки дар бораи баланд бардоштани сифати таълими халқ, беҳ намудани шароити мактабҳо, тадриҷан зиёд кардани музди меҳнати омўзгорон ва ба ин васила барои фардои ҷомеа кадрҳои ногузирро омода намудан дарҷ ёфтаанд, хеле муҳиманд. Муваффақ шудан ба ин ҳадафу мақсадҳои ниҳоӣ аз ҳар яки мо масъулият ва сидқидилона кор карданро тақозо менамояд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*



*Дар ноҳияи Олтиариқи вилояти Фарғона корҳои тарғиби эмкунӣ зидди COVID-19 дуруст ба роҳ монда шудааст. Самараи он аст, ки алҳол байни аҳолии ноҳия эҳтиёҷи эмкунии ихтиёрӣ нисбати ҳудудҳои дигар бештар мебошад. Дар ноҳия эмкунии 145 ҳазору 947 нафар шаҳрванд ба нақша гирифта шуда, имрӯзҳо ҷамъ 288 ҳазору 427 дозаи ваксина истифода шудааст. Ҳоло чорабинии аз нав эмкунии аҳолӣ ба амал бароварда мешавад. Аз ҷумла, то ҳол 8 ҳазору 410 нафар бо ихтиёри худ аз намуди дозаи бустер эм карда шуданд. Онҳо пеш аз ин ваксинаҳои «Astra Zeneca», «Moderna», «Спутник Лайт» ва «ZF-UZ-Vac 2001»-ро гирифта буданд.*

***Дар сурат:** ҷараёни эмкунӣ.*

***Аксбардор: М.ҚОДИРОВ (ЎзА).***

*Таҳлил, танқид, таклиф*

# ОГОҲӢ ВА ЭҲТИЁТКОРӢ – ШАРТИ НИГОҲДОРИИ ҲАЁТ

***Масъалаҳо вобаста ба таъмини бехатарӣ дар роҳҳои автомобилгард яке аз муҳимтарин масъалаҳои рӯз мебошад, гуфт Президент дар ҷамъомади видеоселекторӣ, ки 11 феврали соли ҷорӣ дар асоси тамоюли «Роҳи бехавф ва равон» баргузор гардид. Чораҳо оиди ба дараҷаи нав бардоштани таъмини амнияти инсон дар ҷодаҳо мавриди муҳокимаи ҷиддӣ қарор гирифт ва роҳбари давлати мо, аз ҷумла, таъкид сохт, дар ҷамъомади мо масъалаи муҳим ва таъхирнопазир дида баромада мешавад, ки он ҳам бошад – таъмини бехавфӣ дар ҳаракати роҳ.***

Соли 2021 дар мамлакат бештар аз 10 ҳазор садамаи автомобилӣ ба қайд гирифта шуд, гуфт вай, дар натиҷа беш аз 9 ҳазор нафар шаҳрвандонамон ба дараҷаҳои гуногун ҷароҳат бардоштанд. Аз ҳама ногувотар он ки бо рӯй додани ҳолатҳои нохуш дар роҳҳо 2,5 ҳазор нафар шахсон, аз ҷумла, 263 нафар бачаҳо ҳалок гардиданд, ки ин фоҷиаи калон аст.

Аварияҳо вобаста ба ҳалокати одамон дар вилояти Тошканд аз ҳар 100 ҳазор нафар аҳолӣ – 21-то, дар Ҷиззах – 16-то, дар Сирдарё – 15-то, дар Навоию Самарқанд – 14-тоӣ, дар Қашқадарёю Намангон – 13-торо ташкил менамоянд, ки назар ба дигар ҳудудҳо то дараҷае зиёд. Рақамҳо гувоҳӣ медиҳанд садамаҳои автомобилӣ тӯли соли сипаришуда аз ҳама зиёд дар вилоятҳои Фарғона (1469-то), Тошканд (1336-то), Самарқанд (1129-то) ба вуқӯъ пайвастаанд. Аҷиб он ки дар сераҳолитарин шаҳрҳои мамлакат Тошканд ва Намангон ҳолатҳои ногувор вобаста ба садама нисбатан камтар қайд шудаанд. Дар пойтахт, инчунин шаҳрҳои Намангону Андиҷон, аз ин мебароянд, тартиби амнияти ҳаракати роҳ то андозае риоя мегардад.

Яке аз сабабҳои асосии рӯй додани ҳолатҳои нохуш дар роҳҳои автомобилгард – баланд бардоштани суръат. Аз панҷ як ҳиссаи садамаро маҳз ронандагони шитобкоре, ки суръатро аз меъёр зиёд бардоштаанд, содир намудаанд. Бо иштироки велосипедронҳо – 1075, мотосиклронҳо – 84 маротиба ҳодисаҳои нақлиётӣ ба амал омадаанд. Бештар аз 2000-то авария дар роҳҳо бо айби ронандагони ҷавони то 30-сола ба қайд гирифта шудааст.

Дар рӯй додани фалокат дар роҳҳо, зимнан, баробари ронандагон қисмате аз пиёдаҳо низ сабаб шудаанд. Дар 4698 ҳолат иштироки онҳо ба назар мерасад. Риоя насохтан ба нишон ва аломатҳои ҳаракат дар роҳҳо, аз ҷои ростомада кӯчаро бурида гузаштан, дар чорроҳаву гузаргоҳҳо ба ишораҳои чароғаки роҳ бепарво будан, дар кӯчаҳо, дар гӯш «наушник» мусиқа гӯш карда, бехабар аз одаму олам қадам заданҳо ба чӣ оварданаш мумкин?

Яке аз муҳимтарин вазифа дар муассисаҳои таълимии томактабию мактабӣ ба фарзандон – фаҳмонидани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо. Вале маълум мешавад ба ин масъала дар қисме аз даргоҳҳои таълиму тарбия аз паси панҷа менигаранд. Баъзе падару модарон низ дар ин масъала то андозае бепарво. Таваҷҷуҳ созед: бо иштироки бачаҳо ба вуқӯъ пайвастани 1621 ҳодисаи нохуш магар ташвишовар нест? Новақт аз ҳаёт чашм пӯшидани 263 нафари онҳо-чӣ?

Эътибор нигаронем боз ба факту рақамҳо вобаста ба ҳодисаҳои нохуш, ки ҳамаамонро ба андеша водор месозад: 45 фоизи садамаҳо дар натиҷаи ба қоидаҳои ҳаракати роҳ нописандона нигаристани ронандаҳо ба амал омадаанд. Паси фармон нишаста, беэътибор ба қоидаи роҳ мошин рондан нишонаи чист? Мегӯянд, мошин идора кардан – чун дорбоз болои сим қадам задан, яъне боэҳтиёт будан! Дорбоз танҳо ҳаёти худро фикр карданаш мумкин. Ронанда-чӣ?

На ҳамаи онҳое, ки мошин меронанд, таҷрибаи кофии мошинронӣ доранд. 10 фоизи садамаҳо дар соли сипаришуда маҳз бо айби ронандагоне, ки ҳанӯз аз ӯҳдаи хуб мошинронӣ намебароянд, ба вуқӯъ пайвастаанд.

Ҷуз ронанда ва пиёда ба рӯйдиҳии ҳодисаҳои фоҷиаангез боз кӣ гунаҳкор? Роҳсозон ё худ мутасаддиёне, ки коршоямию корношоямии роҳҳои автомобилгардро назорат менамоянд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд дар ҳудудҳои ҷудогона ҳолати роҳ ва инфрасохтор ба талаботи рӯз ҷавобгӯ не. Аз чаҳор як қисми рӯйдиҳии ҳодиса дар роҳҳоро маҳз ҳамин чиз сабаб шудааст.

Барои мумфарш ва тахту равонсозии ҷодаҳои автомобилгард ҳар сол давлат чӣ қадар маблағ ҷудо мекунад. Мегӯянд, наҳама масъулон дар роҳсозию таъмири ҷодаҳо дар иҷрои вазифаи худ ҳалолкор. Ё худ корҳо сарам-дилам пеш бурда мешаванд. Вақти зиёде нагузашта бесифатии таъмир ошкор ва роҳҳо валангор мегарданд. Чашмбандӣ ва коррупсия дар сохтор ҳамон ба мушоҳида мерасад. Бинобар ҳаракат дар роҳҳои валангор баробари шикаст ёфтани чархҳои мошин, хароб шудани асаби ронандаҳо, нороҳатии онҳое, ки дар мошин нишастаанд, мутаассифона, авариҳо низ зиёд ба мушоҳида мерасанд.

Навъе пай мебарем, муаммову масъалаҳои гуногун вобаста ба рӯй додани садама дар роҳҳо ба заминаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва тарзи риоя ба талаботи қоидаҳои ҳаракат дар ҷодаҳо вобастагии қавӣ доранд. Ронандаҳое кам не, ки дидаву дониста қоидаҳои ҳаракати роҳро вайрон мекунанд. Аз таҳлилҳо маълум гашт, 46 фоиз ҳодисаҳои нохуш бо дағалона қонуншиканӣ сохтани ронандаҳо содир шудаанд.

Он гуна, ки роҳбари давлати мо дар ҷамъомади видеоселекторӣ алоҳида таъкид карда гузашт, қисмате аз ронандагон ба автомактабҳо нарафта ва аз курсҳо нагузашта, гувоҳнома мегиранд. Касе ҳақ пардохт ва каму беш ҳунари ронандагӣ дорад, гувоҳнома гирифтанаш мумкин. Давр тақозо дорад автомактабҳо тарзи корбарии худро бояд куллан дигаргун созанд. Ба омодасозии ронандаҳо чун ба масъалаи ҳаёт ва мамот нигаранд. Таъмини амният дар ҳаракати роҳ танҳо вазифаи кормандони сохтор нест. Ба ин масъала бояд бепарвоӣ зоҳир нанамуд. Ба ҳар як ҳуқуқшикан дар соҳа ҷазо муқаррар, гуфт роҳбари давлат.

Мувофиқи тартибе, ки оянда наздик ҷорӣ хоҳад гашт, ба ҳар як ронандае, ки қоидаи ҳаракати роҳро вайрон кард, хол гузошта мешавад. Масалан, ба оне, ки ба чароғаки сурх риоя накард, – як хол, ба оне, ки аз муқобили мошини дигар баромад, 2 хол, ба ронандае, ки аз меъёр зиёд суръат тезонд – 3 хол. Вақте холҳои ӯ дар давоми сол ба 12 расид, вай аз ҳуқуқи ронандагӣ маҳрум карда мешавад. Дар ин самт ҳоло лоиҳаи қарор кор карда бароварда мешавад. Зимнан, миқдори бадали суғуртаи маҷбурии ронанда ба холҳои ҷаримавии вай вобаста хоҳад гашт. Ба онҳое, ки бетартибона мошин меронанд, навъи алоҳидаи ҷавобгарии «безории роҳ» муқаррар мегардад.

Баъд аз ин фаъолияти автомактабҳо амиқу дақиқ омӯхта мешавад. То ҳозир алвақт инспексияи назорати сифати назди Девони Вазирон фаъолияти онҳоро тахти назар қарор медод. Ин вазифа, айни замон, додани литсензия ба зиммаи Вазорати корҳои дохилӣ супурда шудааст. Гурӯҳи экспертӣ фаъолияти автомактабҳоро тахти санҷиш қарор медиҳад. Агар сифати таълим хуб нест, омӯзандагон дар вақташ ба машғулот ҳозир намешаванд, бинои таълимӣ ба талаб ҷавобгӯ нест, мактаб аз литсензия маҳрум ва пӯшида мешавад. Мақсад, омода сохтани ронандагоне, ки устод дидаанд, дар мактаби воқеии таълим ва ҳунар сабақ омӯхта, асос ва нозукиҳои касбро пурра фаро гирифтаву аз имтиҳон гузашта баъд соҳиби ҳуҷҷат мешаванд.

Навъе ба ҳама маълум, қоидаҳои ҳаракати роҳ нав пайдо нашуда, балки таърихи дурударoз доранд. Тахмин мекунанд, нахустин саъйҳо дар ҷодаи ба тартиб андохтани ҳаракат дар кӯчаҳои шаҳр ҳанӯз дар Рими қадим аз ҷониби Қайсари Рум (Сезар) кор карда баромада шуда ва ҳаракати яктарафа дар баъзе кӯчаҳо ҷорӣ гашта буд (дар солҳои 50-уми пеш аз милод). Қоидаҳои ҳаракати роҳ дар таърихи навро англисҳо пешниҳод кардаанд. Дар майдони назди Парлумони Лондон 10 декабри соли 1868 семафори роҳ, ки аз механики филизии гардишнок сохта шуда ва вазифаи чароғаки раҳнаморо иҷро мекард, гузошта шуд. Қарор дар бораи тартиб додани қоидаҳои ягонаи ҳаракат дар роҳҳо соли 1909 дар Париж дар доираи анҷумани байналхалқӣ қабул гашт. Баъдтар конфронси байналмилалии Женева дар ин самт конвенсияи махсус қабул намуд (с.1931). Ба қоидаи ҳаракати роҳ дар Ӯзбекистон тӯли ду даҳсолаи охир чанд бор дигаргунӣ ва иловаҳо ворид гашт, вале тавре ба наздикӣ роҳбари давлат таъкид сохт, он қоидаҳо куҳна шуда, ба талаботи рӯз ҷавобгӯ нестанд. Супориш дод дар ҳолати амиқ омӯхтани афкори мутахассисону ронандагон он қоидаҳо аз нав, дар асоси талабот ва меъёрҳои байналхалқӣ кор карда бароварда шаванд. Гап акнун сари пурра амалӣ шудани нуктаҳои ҚҲР, ки дар асоси қонуну қарорҳои нав корбаст шудааст. Ҳар як шаҳрванд ба ин масъала бояд ҷиддӣ муносибат кунад. Чи ронанда ва чи пиёда, вақте дар кӯча аст, ҳушёрӣ аз даст надиҳад. Вақте қоидаҳо аз тарафи умум пурра риоя шуданд, одамон сиҳат ва саломат ба манзил мерасанд.

**М.ШОДИЕВ,**
**шореҳи «Овози тоҷик».**

*Мусоҳибаи мо*

# «ЧУН ШЕР БА ЗИДДИ ШЕР БОЯД РАЗМИД»

***10 феврали ҳамин сол сарвари давлатамон ба Самарқанд ташриф оварда, баробари шиносоӣ бо корҳои бунёдкории вилоят, ба масъалаҳои рушди варзиш низ диққати махсус дод.***
***Бо ҳамин муносибат мо бо ҷонишини сардори Садорати сайёҳӣ ва варзиши вилояти Самарқанд Шуҳрат РӮЗИЕВ суҳбат оростем.***

– Тобистони соли гузашта дар пойтахти Ҷопон – Токио Бозиҳои тобистонаи олимпӣ баргузор гардиданд. Дар мусобиқаҳо аз рӯи 17 намуди варзиш беш аз 70 нафар намояндагони мамлакатамон, аз ҷумла чанд нафар самарқандиён ҳам бомуваффақият иштирок карданд, – гуфт Шуҳрат Ӯроқович. — Президент бо варзишгарон ва мураббиёне, ки дар ин Бозиҳо иштирок намуданд, вохӯрда, онҳоро бо комёбиҳои назаррас табрик гуфт ва аз ҷиҳати маънавию моддӣ рағбатнок сохт.

– Олимпиада майдони ҳақиқии санҷиши мардонагиву матонат, талошҳои ҳалолу ҷиддӣ гардид, – иброз дошт сарвари давлат ҳангоми вохӯрӣ. — Мир Алишери Навоӣ дуруст фармудааст, ки “чун шер ба зидди шер бояд размид”.

Воқеан, варзишгарони мо бо рақибони машҳури ҷаҳон мардонавор талош карда, ба комёбиҳо соҳиб шуданд.

**– Ҳоло дар Самарқанд чанд нафар бо варзиш машғуланд?**

– Аз рӯи маълумоте, ки дар даст дорем, алҳол дар вилояти мо 145 ҳазор нафар ҷавонон бо 50 намуди варзиш машғул мебошанд, ки дар байни онҳо чемпионҳои Осиё ва ҷаҳон низ ҳастанд. Соли гузашта 1168 нафар самарқандиён шарафи Ӯзбекистонро дар мусобиқаҳои гуногуни байналхалқӣ ҳимоя карданд.

**– Аз расонаҳои ахбор маълум аст, ки сарвари давлат ва сипас Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон доир ба оммавӣ намудани варзиш ҷамъомади видеоселекторӣ гузаронидаанд.**

– Моҳи декабри соли гузашта Сарвазир Абдулло Арипов дар чунин тадбир мо, самарқандиёнро зери тозиёнаи танқид гирифта буд. Собиқ директори коллеҷи варзиши захираҳои олимпии Тайлоқ аз вазифа сабукдӯш карда шуд, ба ҷойи ӯ иштирокчии олимпиадаи Пекин, чемпиони ҷаҳон оид ба дзюдо, устоди байналхалқии варзиш Ӯткур Қурбонов раҳбар таъин гардид, ки аллакай ба ташаббусҳои нек даст задааст. Мо муаммоҳои марбут ба ин коллеҷро ҳал карда истодаем.

**– Чанде пеш дар деҳаи Оҳалики ноҳияи Самарқанд шоҳиди бунёди «пайраҳаи саломатӣ» шудем.**

– То имрӯз дар атрофи шаҳри Самарқанд 110 километр пайроҳаҳо барои ҳаракати велосипед ва 125 километр «пайраҳаи саломатӣ» сохта шудаанд.

Мақсади асосии мо ба варзиш ҷалб кардани мардум аст.

Ҳоли ҳозир дар вилояти Самарқанд 5654-то иншооти варзишӣ амал мекунанд. Дар онҳо варзишгарон тайёрӣ мебинанд, то ки иштирокчиёни Олимпиадаи тобистонаи Париж шаванд. Хурсандиовар аст, ки 23 нафар бинобар 9 намуди варзиш аллакай ба рӯйхат гирифта шудаанд.

**– Дар вилояти Самарқанд барои инкишоф додани варзиш ва беҳтар намудани тарзи ҳаёти солим чӣ гуна тадбирҳо андешида шудаанд?**

– Аз панҷуми январ то панҷуми феврали соли равон барои фаъолнокии мардум тадбири «Барои ҳаёти солим ҳар рӯз 10 ҳазор қадам!» баргузор шуд, ки дар он беш аз 120 ҳазор нафар шахсони синну солашон гуногун ширкат варзиданд.

Барои рағбатноксозии пиёдагардҳо 100 миллион сӯм маблағ ва 1000 адад велосипед ҷудо кардем.

**– Шоҳмотро «гимнастикаи ақл» мегӯянд. Чӣ бояд кард, ки сафи гроссмейстерҳо дар Самарқанд боз ҳам зиёд гардад?**

– Дар асоси қарори Президенти мамлакат доир ба чорабиниҳои минбаъд инкишоф додани шатранҷ дар як ҳазору дусад маҳаллаи вилоят мусобиқаҳои шоҳмот ташкил гардида, ғолибон бо мукофотҳои гуногун тақдир карда шуданд.

Ҳама хабар доранд, ки гроссмейстери ҷавони байналхалқӣ Нодирбек Абдусатторов дар пойтахти Полша – шаҳри Варшава чемпиони ҷаҳон Магнус Карлсонро дар шоҳмоти зудамал мағлуб сохт.

Фарзанди Самарқанд, писари гроссмейстери байналхалқӣ Тоҳир Воҳидов гроссмейстер Ҷаҳонгир Воҳидов дар мамлакатамон ҷойи дуюм, дар мусобиқаҳои ҷаҳонӣ ҷойҳои ифтихориро соҳиб гардида, номи Самарқандро боз ҳам маълуму машҳур сохт.

Умедворам, ки дар оянда низ шатранҷбозони Самарқанд дар арсаи ҷаҳонӣ ба комёбиҳои нав соҳиб мешаванд. Мо барои ин тамоми имкониятҳои заруриро фароҳам овардаем ва боз баҳри пешбурди ин навъи варзиш саъй менамоем.

**– Барои суҳбати кушод ташаккур.**

Мусоҳиб
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**



*Дар ноҳияи Уйчии вилояти Намангон оиди рушди паррандапарварӣ, ки яке аз ҳафт хазинаест ва васеъ гардондани расонда додани маҳсулоти парранда ба аҳолӣ як қатор лоиҳаҳо ба амал бароварда мешавад.*

*Фабрикаи «Водий кумуш парранда» ва маҷмӯи «Уйчи парранда»-и ҳудуд дар таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти арзон ва босифати парранда пешқадаманд. Дар фабрикаи «Водий кумуш парранда» 29000 ва дар маҷмӯи «Уйчи парранда» 185000 сар бройлери наслдеҳи ба гӯшт ихтисосонидаи аз Венгрия овардашуда парвариш карда мешавад. Дар доираи чорабиниҳои бо кор таъмин кардани аҳолии ноҳия ва баланд бардоштани даромади онҳо дар давоми сол дар 56 маҳалла ташкил намудани 100 ва аз он зиёд инкубаторҳо дар назар дошта шудааст.*

***Дар сурат:** дар маҷмӯи «Уйчи парранда».*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

## ХАБАРҲО

### Ҷашни забони модарӣ дар муассисаҳои таълимӣ

***Забон нафақат воситаи муомила, айни замон оинаест, ки дар он таърих, маданият, тарзи зист, урфу одати одамон инъикос меёбад. Забон халқро муттаҳид месозад, анъанаҳоро дар худ идома мебахшад. Ҳар сол 21 феврал чун Рӯзи байналхалқии забони модарӣ ҷашн гирифта мешавад.***

Дар ҷумҳуриамон низ ба ин муносибат чорабиниҳо баргузор шуданд. Шабҳои адабӣ, озмун-азназаргузарониҳо дар як қатор муассисаҳои таълимӣ хотирмон сурат гирифтанд. Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд ба номи Низомӣ бо иштироки 30 нафар озмуни диктант рӯи кор омад, донишҷӯёни боқимонда ба тарзи онлайн диктант навишта, маҳорати диктантнависии худро аз санҷиш гузаронданд. Диктанти санҷишӣ дар Донишкадаи давлатии шарқшиносии Тошканд бо чаҳор забон гирифта шуд. Хоҳишмандон дар ин қуввасанҷие, ки ба тарзи онлайн сурат гирифт, айни замон аз ноҳияҳои Яшнобод ва Мирободи пойтахт иштирок карданд.

### Беҳсозии инфрасохтори нақлиётӣ

***Қарори роҳбари давлат оиди консепсияи рушди сохтори нақлиёти ҷамоатии шаҳри Тошканд дар давоми солҳои 2022-2025 татбиқи амалии худ меёбад. Корҳо бобати беҳсозии инфрасохтори нақлиёт аллакай оғоз ёфта, масъулони сохтор аз паи иҷрои вазифаҳои мақсадноку устувор мебошанд.***

Маълум, ки дар шаҳри азими Тошканд бинобар афзудани миқдори автомобилҳои шахсӣ тирбандиҳо мушкилот тавлид месозанд, роҳҳои мавҷуд чандон ба талабот созгор нестанд, ки аз ин ҳаракати бомароми нақлиёти ҷамоатӣ халал меёбад. Навсозии роҳҳо, васеъсозии онҳо – тақозои давр. Автобусҳо, ки навъи асосии нақлиёти ҷамоатианд, кифоя нест. Аз ин рӯ, солҳои наздик харидани 1063 нақлиёти ҷамоатӣ ба нақша даромадааст, ки аз онҳо 650-тояшон электробусҳо мебошанд. Дар 10 кӯчаи марказии пойтахт қароргоҳҳои пулакии автомобилҳо сохта мешавад. Ҳолати 2424 истгоҳ беҳтар шуда, онҳо бо воситаҳои техникии электронӣ таҷҳизонида мешаванд.

### *Китоб – дӯсти мо*

***Меҳр ба китоб бояд аз хурдсолӣ бедор шавад. Тарғиби китоб дар синфҳои ибтидоӣ аҳамияти ҷудогона дорад. Муассисаи таълими умумии рақами 205-уми ноҳияи Мирзо Улуғбеки пойтахт ба забони англисӣ махсусонида шудааст.***

Хонандагони синфҳои ибтидоии ин боргоҳи маърифат низ то андозае ба англисӣ баладанд. Дар байни синфҳои ибтидоӣ бо савияи баланд гузаштани озмуни «Китоб – дӯсти мо» дарак дод, ки хурдтаракон ба мутолиаи шеъру ҳикояҳо, хондани китобҳои бадеӣ барои мактаббачагон чӣ қадар шавқу ҳавас доранд. Онҳо ба чаҳор гурӯҳ ҷудо шуда, дар иҷрои 3 навъ шартҳои озмун маҳорат нишон доданд. Ғолибон ҳуқуқи иштирок ба зинаи шаҳрии «Беҳтарин китобхон»-ро ба даст овардаанд.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# ЛУҒАТИ ЭЗОҲИИ ИСТИЛОҲОТИ ДИПЛОМАТӢ БОРИ АВВАЛ БА ЗАБОНИ ӮЗБЕКӢ ТАЙЁР ВА ЧОП КАРДА ШУД

***Бо ташаббуси роҳбарияти Вазорати корҳои хориҷии Ӯзбекистон ва дастгирии Бунёди рушди забони ӯзбекии назди Девони Вазирони Ӯзбекистон китоби алоҳидаи «Diplomatik termenlar izohli lug’ati» чоп гардид.***

Китоб барои нашр аз ҷониби корманди Маркази иттилоотиву таҳлилии муносибатҳои байналхалқии назди ВКХ Исроил Шамсимуҳаммедов омода карда шуд. Дар Вазорати корҳои хориҷӣ муаррифии нашрияи мазкур ба амал омад.

Дар чорабинӣ кормандони Департаменти оид ба рушди забони ӯзбекии Девони Вазирон, ВКХ, донишҷӯёни Донишгоҳи иқтисодиёт ва дипломатияи ҷаҳон, ҳамчунин дар режими онлайн намояндагони ҳайатҳои дипломатии кишвари мо дар хориҷа иштирок карданд.

Иштирокдорони муаррифӣ дар бораи мазмуну моҳияти «Луғати эзоҳии истилоҳоти дипломатӣ» сухан гуфтанд. Қайд гардид, ки ин китоб ба рушди забони дипломатияи Ӯзбекистон хидмат хоҳад кард.

Китоби мазкур аёнияти муҳим ва амалии кормандони соҳа мебошад, дар он калимаҳо, таркибҳо ва тарзи навишти онҳо ҷамъоварӣ шудаанд, ки дар соҳаи дипломатия бағоят муҳиманд.

Луғати эзоҳӣ ба доираи васеи дипломатҳо, донишҷӯён, тарҷумонҳо, намояндагони расонаҳои ахбори оммавӣ ва онҳое, ки ба ин соҳа рағбат доранд, пешбинӣ гардидааст.

Луғат тақрибан 400 калима ва ибора, ҳамчунин вожаҳову ислоҳотеро, ки дар соҳаи дипломатия ва муносибатҳои байналхалқӣ васеъ истифода мешаванд, дар бар гирифтааст.

Дар ҷараёни муаррифӣ таъкид шуд, ки солҳои охир бо назардошти он ки кишвари мо беш аз пеш мамлакати барои ҷаҳон кушода мегардад, рағбат ба омӯзиши забони ӯзбекӣ меафзояд. Бинобар ҳамин ҳам алҳол ба ин луғат талабот зиёд буда, он мувофиқи тақозои замон тартиб дода шудааст.

– Ин луғат ибтидои кори мо дар самти истилоҳотшиносии муносибатҳои байналхалқӣ ба шумор меравад, – мегӯяд корманди масъули Департаменти Девони Вазирон Ғофир Ҳамроев. – Мо бояд дар ин самт боз корҳои зиёдеро ба сомон расонем, зеро то имрӯз луғати эзоҳии забони ӯзбекӣ бинобар сиёсати хориҷӣ вуҷуд надошт. Дар рушди дипломатияи байналхалқии Ӯзбекистон зарурияти коркарди истилоҳоти ӯзбекии вобаста ба соҳаи мазкур ҳаст. Бояд қайд кард, ки ВКХ мунтазам вазифаҳоеро, ки аз ҷониби роҳбарияти давлат ва ҳукумат бинобар дар сатҳи байналхалқӣ баланд бардоштани нуфузи забони ӯзбекӣ гузошта шудаанд, иҷро мекунад.

**АИ «Дунё».**

*Дарси забономӯзӣ*

# МУЛОҲИЗАҲО ДАР БОРАИ ТАРЗИ ТАЪЛИМИ ИБОРА

Ибора яке аз воҳидҳои наҳвии забон буда, омӯзиши он дар мактабҳои таълимоташон умумӣ тавассути фанни "Забони тоҷикӣ" амалӣ мегардад. Таълими ибора дар мактаб ҳанӯз аз синфҳои ибтидоӣ ба тарзи содаю одӣ оғоз мегардад. Тибқи барномаи таълим боби ибора ва хелҳои он зина ба зина омӯзонида мешавад. Дар боби "Ибора" хонанда ба калимаҳои сарф, наҳв, иборасозӣ, тобеъкунанда, тобеъшаванда, зарб, муайянкунанда, муайяншаванда, калимаи асосӣ, камонак, изофӣ, пешоянд, пасоянд, оҳанг, ҳамчунин калимаҳои такягоҳӣ рӯ ба рӯ меояд.

Машғулиятҳо доир ба ибора барои аз худ кардани қисми сарф (морфология) ҷиҳати омӯзиши шаклу сохти калимаҳои алоҳида ва омӯхтани сохти ҷумлаҳо дар илми наҳв (синтаксис) замина фароҳам меоварад.

Ин аст, ки ҳангоми омӯзондани ин мавзӯъ омӯзгор бояд ба чандин масъала: монанди фарқи ибора аз калима, ҷузъҳою хелҳои он, аз ҷиҳати маъно ва таркиб ҷудо кардани ибора аз байни ҷумла, сохти ибора рӯйи эътибор гардонад. Бинобар ин раванди мазкур аз омӯзгор дониши амиқ ва масъулияти бештарро талаб менамояд.

Ба мо маълум аст, ки дар мактабҳои тоҷикӣ омӯзиши бевоситаи ибора аз синфи 5 оғоз меёбад. Ва айнан ин мавзӯъ дар боби "Наҳв ва аломатҳои китобат" дар дарсҳои 6-7 бо номи "Ибора ва калимаҳои асосӣ" (Т.Чориев, "Забони тоҷикӣ, нашр."Ӯзбекистон",2020) омӯзонда мешавад. Айни муддаост, ки он бо таърифи ибора сар мешавад. Омӯзгор бояд қоидаи онро тавре ки дар китоби дарсӣ омадааст, яъне "ду ва ё зиёда калимаҳои мустақилмаъное, ки аз ҷиҳати маъно ва муносибати грамматикӣ ба ҳамдигар алоқаманд шуда, мафҳумеро ифода мекунанд, ибора номида мешаванд", баррасӣ кунад. Зарур аст, ки қоидаро як бори дигар ба талабагон хотиррасон намуда, аз онҳо пурсад, ки чаро қоидаи ибора бо ифодаи "ду ва ё зиёда..." оғоз ёфт. Бо мақсади муқоиса водор кунад, ки аз синфҳои поёнӣ қоидаи ҷумларо ба хотир оранд. Яъне, "ду ва ё зиёда калимаҳои ба ҳам алоқаманд ва ё калимаҳои ҷудогонае, ки як фикри томро ифода менамоянд, ҷумла номида мешавад".(Т.Чориев, Забони модарӣ, синфи 4, саҳ. 111, нашр. "Ӯзбекистон", 2015). Пас аз он омӯзгор саволҳои зеринро ба донишомӯзон медиҳад: "Фарқи қоидаҳо дар чист, чаро дар қоидаи ҷумла калимаҳои ҷудогона оварда шудааст, барои чӣ ҷумла фикри тамомшударо мефаҳмонад ва ибора бошад мафҳумеро?» ва монанди инҳо. Муқоисаи онҳоро ба худи хонандагон ҳавола менамояд. Метавон дар ин бахш якчанд мисол дар тахтаи синф навишта, фарқияти онҳоро гаштаю баргашта аз талабагон пурсад.

Омӯзгор метавонад, барои комилтар фаҳмондани мавзӯи ибора, дар тахтаи синф ҷумлаи содаи машқи 25-ро аз китоби дарсӣ пурра карда нависад. Ва аз онҳо талаб намояд, ки ҷумлаи "Дили модар аз меҳру вафо лабрез гардид"-ро ба ҳиссаҳои хурду калон ҷудо намояд ва ба ҳар яки он рақам гузорад. Масалан, "дили модар" (1), "аз меҳру вафо" (2), "лабрез гардад" (3). Сипас, воситаи алоқаи байни калимаҳоро ба тарзи одӣ шарҳ дода гузарад. Дар ифодаи "дили модар" пайвандшавии ду калимаи мустақили "дил" ва "модар"-ро фаҳмонда, вазифаи воситаи алоқаи изофи (ӣ)-ро эзоҳ диҳад. Дар ифодаи дуюм бошад, мураккабтар шудани ҷараёни сохта шудани ибора ва истифода шудани пешоянду пайвандакро ҳам ба тарзи сода гуфта гузарад. Ва зиёд шудани ҷузъҳои ибораро хотиррасон намояд. Дар ифодаи сеюми "лабрез гардид" ба воситаи чӣ ба ҳам алоқаманд шудани калимаҳоро аз талабагон пурсад. Айнан, дар ҳамин ҷо муаллим вазифадор аст, ки воситаи алоқаи ибораи якумро, ки худаш пештар фаҳмонда буд, аз талабагон пурсад, ибораи дуюмро, ки пешоянду пайвандак дорад, бори дигар ба ёд орад ва ибораи сеюмро ба худи хонандагон ҳавола кунад.

Ногуфта намонад, ки машқҳои 22 ва 23-юми китоби дарсиро ба худи хонандагон вогузор кардан мумкин аст, зеро тибқи талаби машқи 22, ки чунин аст: "Калима ва ибораҳоро дар алоҳидагӣ номбар кунед", онҳо чандон мушкилӣ намекашанд. Талаби машқи 23-юми китоб низ "Аз калимаҳо ибора созед ва фарқи онҳоро гӯед" аст, оиди мавзӯъ мавриди қабул аст. Аммо ҳангоми иҷрои машқи 24, ки матлаби он чунин аст: порчаи шеърро хонед, ибораҳоро муайян намуда, ба дафтар рӯйбардор кунед:

*Сарчашмаи ҳаёти ҷаҳонанд модарон,*
*Зиннатфизои давру замонанд модарон.*
*Сидқу сафои оламиёнанд модарон,*
*Бахту саодати дилу ҷонанд модарон.*

**(Боқӣ РАҲИМЗОДА).**

Ба омӯзгор лозим аст, ки талаби машқро бо ҳамроҳии талабагон иҷро кунад. Чунки ба ибораҳо ҷудо кардани сатрҳои шеърӣ ба талабагон мушкилиҳо дорад. Дар ин боб зарур аст, ки вай аз сохти ибораҳо ёдовар шуда, ба ибораҳои сода ҷудо карда навиштани онҳоро фаҳмонад. Пас аз навиштани ибораҳои содаи мисраъҳо метавонад доир ба воситаи алоқаи онҳо саволу ҷавоб ташкил диҳад. Пас аз он аз рӯйи нишондоди китоби дарсӣ иҷрои бахши "саволҳо барои санҷиши дониш" оғоз мегардад. Дар ин бахш кӯшиш карда мешавад, ки аҳли синф пурра ба саволу ҷавоб ҷалб карда шуда, ба таври мушаххас ҷавоби саволҳоро аз худ намоянд ва доир ба онҳо мисолҳо оварда фарқиятҳоро сарфаҳм раванд. Машқи 26-уми марбути дарси 6, ки матлаби он чунин аст: "Ибораҳои зеринро ҳамчун нақша истифода баред ва дар мавзӯи "Таътили тобистонаи ман" баён нависед" ба талабагон вазифаи хонагӣ супурда мешавад.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

*САФАРИ МАТБУОТӢ*

***Садорати вилоятии Идораи назорати назди Девони Вазирон аз болои кори Маҷмӯи агросаноатӣ, яъне «Ӯзагроинспексия» ба қарибӣ сафари ходимони ВАО ва блогерҳоро ба ҶММ «Дӯстлик агросервис МТП» созмон дод.***

# РАФТИ КОР БА НАЗОРАТ ГИРИФТА ШУД

Иштирокчиён дар ин сафари матбуотӣ оид ба таъмири комбайнҳо ва умуман рафти корҳои тайёрӣ ба мавсими « Ғалла – 2022» шинос шуданд.

Маълум гардид, ки имсол дар мавсими ғалла ҳамагӣ 304-то комбайни гуногун иштирок мекунанд. 56-тои ин комбайнҳо ба ҶММ «Ҷиззах агросервис МТП», 116-то ба корхонаи кластерӣ, 120-тояш ба хоҷагиҳои фермерӣ ва боқимонда ба корхонаҳои дигар мансуб аст.

Муҳандисони корхонаи муштараки «СП КЕЙС» ва «КЛАСС» корҳои омӯзиширо ба анҷом расониданд ва маълум гардид, ки барои корҳои таъмиру тармими комбайнҳо 13 миллиарду 897 миллион сӯм маблағ зарур аст. Ҳоло 44 комбайн дар корхонаи «Ҷиззах агросервис МТП» аз таъмир баромад.

Назар ба маълумотҳо танҳо дар ноҳияи Дӯстлик аз ҷониби «Ӯзагроинспексия» 42 комбайн ба рӯйихат гирифта шудааст. Ин комбайнҳои тамғаи «КЕЙС», «Доминатор-130», «Вектор», « Ню-холдинг» мебошанд. Идораи ҳудудии «Ӯзагроинспексия» рафти корҳоро мунтазам ба назорат гирифтааст.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*



*Имрӯзҳо ҳифзи табиат, ландшафтҳои табиӣ ва намудҳои растаниҳои камёфт аз масъалаҳои долузарб ба ҳисоб меравад.*

*Ҳар сол ба мақсади бедор намудани меҳр нисбати муҳити атроф, махсусан ба растаниҳо дар хонадонҳо ташкил намудани гӯшаи сабз аз ҷониби «Заҳриддин фловерс», ки дар мавзеи Назарбеки ноҳияи Зангиатои вилояти Тошканд ҷойгир шуда, раҳбараш Фахриддин Сайфиддинов мебошад, эко-фестивал ташкил мегардад. Чорабинии имсола дар арафаи фасли баҳор мегузарад. То фестивали мазкур байни ҳамдиёрон якчанд озмун ташкил шуд. Аз ҷумла, намоиши суратҳо ва викторинаи шавқовар. Ғолибони ин озмунҳо ва иштирокчиён бо диплом ва тухфаҳо сарфароз гардиданд.*

*Дар доираи экофестивал, ба мақсади баланд бардоштани малакаи боғбонҳои ҳаваскор, якчанд мутахассиси соҳа таклиф шуд. Онҳо аз таҷрибаи худ дарси маҳорат гузаштанд. Инчунин, ба хонандагони мактабҳои рақами 238 ва 44-и ноҳияи Учтеппаи шаҳри Тошканд экскурсия ташкил гардид, ки чунин чорабиниҳо ба наздикшавии хонандагон бо табиат ва ҳисси меҳру муҳаббати онҳоро ба миуҳити атроф, сарсабзӣ бедор хоҳад кард.*

***Дар сурат:*** *лаҳза аз чорабинӣ.*

***Суратгир: Д. АҲМАД.***

*Дарси тасаввуф*

# ҲАЁ

### Мансабу насаб шараф аст ё ҳаёю адаб?

Мақолати шашуми достони «Ҳайрат-ул-аброр» дар бораи адаб, тавозӯъ ва ҳаё аст. Аз нигоҳи Навоӣ мафҳумҳои вафо ва ҳаё бо ҳам иртиботи ногусастанӣ доранд. Аммо ӯ ҳаёю адабро аз мансабу насаб боло гузоштааст. Яъне, аз нигоҳи ӯ на мансабу насаб, балки ҳаёву адаб ба инсон шараф меоварад:

*Элга шараф бўлмади ҷоҳу насаб,*
*Лек шараф келди ҳаёу адаб.*

Шарҳи маънӣ: «Ба мардум мансабу насаб шараф наоварад, балки мардум аз ҳаёву адаб шараф ёбад».

Дар байти баъдӣ шоир ҳаёро ба манбаи борон монанд кардааст, ки ҳар қатраи он хокро кимиё кунад. Аз ин гуна хок зар мерӯёнанд:

*Чунки ёғин манбаи ўлди ҳаё,*
*Қатраси тупроғни қилур кимё.*

Шарҳи маънӣ: «Ҳаё манбаи боронгарист, ки ҳар қатраи ин борон хокро ба кимиё (зар) табдил диҳад».

### Ягонагии ҳаё ва адаб

Навоӣ адабу ҳаёро бештар паҳлӯи ҳам мегузорад:

*Мунча мазаллат бориси булъаҷаб,*
*Дафъ бўлур келса ҳаёву адаб.*

Шарҳи маънӣ: «Хориву зории зиёд, баъди омадани ҳаёву адаб, нест мешавад».

Дар байти зерин низ ҳаёву адаб паҳлӯи ҳаманд:

*Вазъи тавозуъда вафо айламак.*
*Даъби адаб бирла ҳаё айламак.*

Шарҳ: «Вафо кардан дар ҳолати тавозуъ маънои адабу ҳаёро ба одат табдил доданро дорад».

### Чашми гул наафтад...

Дар боби навбатӣ, бино ба тартиби қатъии достон, бояд ҳикоят оварда шавад. Ин боб чунин ном дорад: «Дар боғи ҳаё шарм доштани наргиси чашми Нӯшервон аз наргиси чашм ва гулрухи наргисчашм на канор, балки канора ҷустани ӯ».

Нӯшервон — ҳукмрони муки Аҷам дар адабиёт тимсоли адолат мебошад. Ин аст, ки ба ӯ номи «Нӯшервони одил»-ро додаанд. Нақл мекунанд, ки ӯ дар овони ҷавонӣ духтареро дӯст медошт. Дар чаманзори хилват бо ӯ вомехӯрад:

*Бир чаман ичра тузубон хилвате.*
*Гулрух ила қилди аён суҳбате.*

Шарҳи маънӣ: «Дар чаман хилвате пайдо карда, бо гулрухе суҳбат орост».

Шоҳ барои ба канор гирифтани ёри гулъузор даст дароз кард. Дили духтар низ об хӯрд. Вале шоҳ яке аз раъяш гашт. Чаро? Зеро:

*Сунғач илик дилбари мунис сори.*
*Тушди кўзи бир бути наргис сори.*

Шарҳи маънӣ: «Вақте даст ба дилбари мунис дароз кард, чашмаш ба гули наргиси шукуфта афтод».

Аҷабо! Вақте шоҳ ба духтар даст дароз кард, чашмаш ба наргисе афтод, ки шабеҳи чашми одам буд. Духтар аз ҷавонмард сабаби аввал даст дароз кардан ва пас кашиданро пурсид:

*Ким бу не қўл сунмоғу чекмак эди?*

Шарҳи маънӣ: «Сабаби даст дароз кардану пас кашидан чӣ буд?» Шоҳ посух дод:

*Ким бу савол ичраким воқеъдурур.*
*Наргиси шаҳло кўзи монеъдурур.*

Шарҳи маънӣ: «Дар вақти висол чашмони шаҳлои гули наргис садди роҳ шуд».

Пас, ҳангоми висол танҳо гули наргис шоҳиди ин ҳол бошанд ҳам, ошиқу маъшуқ бояд шарм доранд. Аз он ки хаёли Анӯшервон дар сатҳи шарм доштан аз чашми шаҳлои наргис буд, ба шоҳи адолатпаноҳи олам табдил ёфт:

*Ҷумлаи олам аро шоҳ айлади,*
*Адлини оламға паноҳ айлади.*

Шарҳи маънӣ: «Дар ҷумлаи ҷаҳон ӯро шоҳ кард ва адолатро дар сартосари олам густурд».

Навоӣ аз ин қисса натиҷа мегирад:

*Айш, Навоий, неча дилкашдурур,*
*Лек адаб бирла ҳаё х(в)ашдурур.*

Шарҳи маънӣ: «Эй Навоӣ, айшу ишрат ҳарчанд дилкаш аст, вале адабу ҳаё дилкаштар аз он бошад».

### Маърифати замири ҳаё

Чун мақсад фаҳмидани Навоист, ба баҳонаи ин ҳикоят бояд ду чизро бигӯем.

Якум, наргис дар адабиёти классикии Шарқ рамзи чашм мебошад, ки аз монандии он ба чашм маншаъ гирифтааст. Ин вожа имрӯз шакли «наргиз»(а)-ро гирифтааст, ки саҳеҳ нест. Мо бисёр калимаҳои қадимаро имрӯз дар шакли нодуруст кор мефармоем, ки ин мавзӯи алоҳида аст. Масъалаи дуюм ин аст, ки агар хонандаи дақиқназар пай бурда бошад, вожаи «хуш»-и сатри дуюм ба сифати қофия дар шакли х(в)аш омадааст. Чӣ, фикр мекунед, ки ин ҷо қофия барои Навоӣ танг омадааст? На, танг наомадааст, вожаи «хуш»-и тоҷикӣ тибқи алифбои арабиасоси ниёгон бо «вов» навишта мешавад. Вале он тақозои қоидаи қофия «хаш» низ хонда мешавад. Биноан, дар матнҳои тоҷикӣ ин вожа дар шакли «х(в)аш» (бо вов) низ меояд.

### Ҳаёи Фарҳод

Дар достони «Фарҳод ва Ширин» ҳодисаи дигаре, ки ба ҳаё иртибот дорад, омадааст. Овозаи дар кӯҳ бо ғайрати бемислу монанд ҷӯй кандани Фарҳод ба гӯши дарбориён мерасад. Ҳукмдори Арманистон — Маҳинбону барои дидани ин корнамоӣ ба кӯҳ меравад. Ширину ҷиянаш низ ӯро ҳамроҳӣ мекарданд. Фарҳод ба Ширин, ки савори асп буд, менигарад. Вақте медонад, ӯ ҳамон духтарест, ки дар оина дида буд, аз ҳуш меравад. Ӯро дар каҷова ба қаср меоранд. Фарҳод тӯли ду шабонарӯз ба худ намеояд. Вақте рӯзи сеюм ба худ меояд, мебинад, ки дар қаср аст. Чун ин ҳамаро дар ёд зинда мекунад, аз ҳодисаи руҳдода шарм медорад. Бино ба тасвири Навоӣ зери обу арақ мемонад:

*Ҳаёдан терга бўлди абрдек ғарқ,*
*Ул уйдин чиқти секриб, ўйлаким барқ.*

Шарҳи маънӣ: «Аз ҳаё мисли абр ғарқи обу арақ гардид ва аз он хона барқосо берун омад».

Рустӣ аз қаср берун омаду ба кӯҳ рафт ва ба кандани ҷӯй идома дод:

*Етиб ориққа кўп айлаб такупў,*
*Ҳаё теридин андоқ оқизиб су(в).*

Шарҳи маънӣ: «Ба сари ҷӯй зуд расид, аз пӯсташ ҳаё мисли об ҷорӣ шуд».

Аз ин таҳлилҳо низ ошкор мегардад, ки аҷдоди мо ба шарму ҳаё арҷ гузоштаанд.

**Султонмурод ОЛИМ,**
**Ходими шоистаи фарҳанги Ӯзбекистон.**

*Муҳаммад ШОДӢ*

# ИН ҲАМОН ДУХТАРЧА

*(Ҳикоя)*

Дарро кушодам Зайнаб апем (набераи Муътабараммаи зарбедиам) аз паҳлуи падарам, ки дароз кашида буд, парида хест. Кас агар болои гуноҳ ба даст афтад, ин гуна саросема мешавад.

Чӣ фикрҳо ба сарам омаданд. "Ин духтар... чӣ кор мекард назди падарам?"

Падарам низ дар вазъи ноҳинҷор:

– Умед? – гӯён сар бардошту ман қафо гашта, дар ҳоле ки изтироб ба дилам панҷа мезад, дарро сахт пӯшидам ва баромада рафтам.

Ҳазору як гумон ва шубҳаи бад ба дилам ҳамлавар.

Зайнаб... Наход, ки Зайнаб...

Не, мумкин нест!

Бибии ин духтар аслан аммаи ҳақиқиам не – Муътабархолаву падарам додару хоҳар наянд.

Дар асл ин авлод ба мо кӣ ва ба ҳам чӣ гуна хешутабор ҳастем, намедонам. Дар арафаи синни балоғатам, бисёр чизҳоро мефаҳмам, вале аз чӣ бошад, ба масъалаи чӣ тавр хешшавии Зайнабино то ҳол эътибор накарда ва ин духтарро "апа" гуфта омадаам то ин вақт.

Хайр, дониста мегирам акнун. Худи ҳамин рӯз!

Ва худи ҳамин рӯз дафъ мешавад ин духтар аз хонаи мо! Духтари қадрас чӣ кор мекард назди падарам, ки дароз кашида мехобид?!

Худоё, ман чӣ мегӯям? Ба чӣ гумонҳои ноҷо меравам дар ҳаққи духтаре, ки маро додар дониста ва чун додарчаи ҳақиқиаш "бардошта калон кардааст?" Апаам-ку вай? Зайнаб-апем ба додоям, агарчи ӯро "тағо" мегӯяд, чун духтар!

Аммо ҳоло...

Агар вай бо дили рост менишаст ва дар байн "гапу кор"-е набуд, якқад мепарид ва зуд худро ба қафо мекашид? Ранги рӯяш меканд ва худро гум менамуд? Ягон бало ҳаст!

Дар исканҷаи хаёлоти пуризтироб қадам мегузорам. Ба куҷо равонаам, худам намедонам.

Телефонам садо баровард. Нигарам, Зайнаб. Дилам тунд тапид. "Лаънатӣ!"

Тугмачаи сурхро пахш кардам. Телефон боз ҷирингос зад. Ин бор хомӯш кардам. Ғазабам рӯ мезад.

Наход, ки онҳо...

***

– Базӯр кофта ёфтам, Умед!

Болои хараки қади роҳ менишастам, бо пайдо шудани Зайнаб баданам ваҷаррос зад. "Мор!" гуфтам дар дил, ба рӯяш нигаристан нахоста.

Ӯро нағз медидам. Апа мегуфтам. Лекин ҳамин "апа..."

– Ҳа? – гуфтам ниҳоят чашм песонда, баъде дубора номамро гирифт.

– Ману тағоям... – гуфт бо овози ларзон ва нигоҳ гурезонд.

– Шумою тағотон... – заҳрханд кардам.

– Ҳм, мумкин нест? Дар як хона, паҳлуи ҳам нишастанамон мумкин нест?

– Ман ягон чиз гуфтам?

– Нагуфтӣ, лекин... – вай, дар лаб табассуми дардомез, лаҳзае ба сукут рафт. Пасон ба соати дасташ нигарист ва: – Рафтанам даркор, дарсам ҳаст, – гуфт саросемавор. Сонӣ дар вазъи ноҳинҷор илова кард:

– Лекин гапзанон накунем намешавад. Пешат шинам майлаш?

Ман рад кардам:

– Апа, сонӣ...

– Не, ҳозир!

– Илтимос, тинҷ гузоред. Равед!

Вай маҳзун лабханд кард:

– Меравам, лекин дигар намеоям. Ба хонаатон намеоям!

– Ихтиёратон, – гуфтам дарғазаб ва ба тарафи дигар рӯй тофтам.

Ин духтар аз бозе дар Донишгоҳи Низомӣ донишҷӯст, як пояш дар хонаи мо. Чиҳо гуфт? Дигар намеоям?

Нағз нашуд. Вай ранҷид. Худро коҳиш кардам. "Ӯро хафа кардӣ, Умед. Дар ҳақи апаи худ ҳам одам ба ин гуна хаёл меравад? Бо бегона не, пеши падарат буд-ку,вай? Ту чӣ хел одам?"

Хуб,хуб, мегӯям ба худ. Лекин онҳо...

Модарам телефон кард ва дар куҷо буданамро пурсид. Рафта истодаам гуфтам.

Ҳа, рафта истодаам. Майнаам карахт. Ман не, модарам баногоҳ ворид мешуд ва даступохӯрии онҳо медид, ба чӣ гумон мерафт? Ба чӣ ҳол меафтод?

Вақте вориди ҳавлӣ шудам, модари рӯзноманигорам дар айвон чизе менавишт. Салом додам, бо ишораи сар "омадӣ?" гуфту ба нависонавис давом кард. Нигоҳам ба чашмаш афтоду...

Чашмони модарам гиряолуд буданд. Гиристааст? Чаро? Вай аз воқеае, ки рух дод, бохабар?

Не, аз афти кор. Бохабар мебуд, ба дилаш навиштан мегунҷид? Дар хусуси шавҳар ва духтари ятиме, ки модарвор сарашро сила кард, агар андак шубҳа ба дилаш роҳ меёфт, қиёмат қоим намешуд?

Лекин чашмонаш...

– Гиря кардед? – пурсидам хавотиромез.

– Гиря? – вай базӯр табассум намуд. Вале нигоҳи омехтаи хаёлаш аз дардҳои ботинии ӯ дарак медод. Ноилоҷ иқрор шуд:

– Як воқеа ба ёдам омад.

– Воқеа? Чӣ хел воқеа?

– Воқеае, ки... – модарам оҳ кашид ва даст ёзонда, вақте ба наздаш нишастам, навозишомез сарамро сила кард. Баъд гуфт:

– Ҳамааш дар ҳамин дафтар. Ба қабули духтур рафта оям, сонӣ нуқта мегузорам. Ту хона даро, мастоба пухтам, хунук нашавад, каш. Ё кашида диҳам?

Аз гулӯи ман таом мегузарад? Ҳаво намерасад. Зудтар донистан мехоҳам, ки Зайнабино, дар асл, ба мо чӣ гуна хеш.

– Додом канӣ? – пурсидам ва ҳис намудам овозам ларзид.

– Ба Зарбед рафт, – ҷавоб дод модарам ва соат чанд шуда бошад, гӯён қалам ба рӯйи дафтар ниҳоду аз ҷо хест. Осема тағйири либос кард ва "ман рафта оям" гӯён аз ҳавлӣ баромад.

Нигоҳам дар дафтар. Одатан модарам навиштаҳои нопурраи худро дар ҷойи аз чашм панаҳ нигоҳ медошт. Кори ҳозирааш ба назарам аҷиб намуд – мисле "хонда бин" гӯён навиштаҳоро ба ҷойи намоён гузошта буд. Хайр, нигарам канӣ...

Дафтарро ба даст гирифтам. Сабтҳо таҳти сарлавҳаи "Ҳамон одам" ин тавр оғоз меёфт:

"Ҳамааш аз садамаи автомобилӣ, ки дар роҳи кӯҳӣ рӯй дод, сар шуд. Мошин, чизе шуда, ҳаракати худ тағйир дод – шавҳарам, ки онро идора мекард, саросема шуд.

Дар нишастгоҳи қафо бо кӯдаки ҳаштмоҳаам нишастаам. "Додош, чӣ шуд?" гуфта пурсиданамро медонам, мошини аз ақиба фуромадаистода нохост бероҳа шуда, ба ҷарӣ сарозер рафт. Бачаамро ба бағал зеркунон бо тамоми қувва "до-од!" гуфтанам дар хотираму бас.

Аз гиряи тифл аранг ба худ омадам. Дар мошин нишастаем, лекин...

Чӣ рӯй доданашро дарк кардан замон "додош! – гӯён фарёд задам .– Султонмуродака, шумо дуруст?"

Аз шавҳарам садо набаромад. Сараш хам, қафаси синааш болои чамбараки мошин. Ба дилам сукунати ваҳмзо нишаст, пеши назарам торик гашт. Дарди ҷонкоҳи миён ҳис кардам. Пойҳои латхӯрдаам овезон. Бо вуҷуди ҳамин ҷонҳавл берун баромадан хостам.

Аз мошини пачақ базӯр баромада, кӯдаки гирёнамро ба замин гузошта, дари пешро кушодан хостам. Вале ҳаракатам беҳуда. "Додош, маро натарсонед. Султонака!!!"

Аммо шавҳарам ҳамон беҳуш.

Наҷот хоста, ба боло нигаристам. Бо тамоми овоз фарёд задам: "Ҳой, касе ҳаст? Ёрдам диҳед!!!"

Дар боло як одам намудор гашт. Илтиҷо кардам: "Акаҷон, ёрӣ диҳед!"

Одами нағз будааст. Ба кӯмак омад. Ману шавҳарамро ба касалхона хобонда, кӯдакро бо худ бурд. "Хавотир накашед, гуфт ба ман, дар хона ба бача менигаристагӣ одам ҳаст..."

Як пой ва сутунмуҳраам сахт лат хӯрда будааст. Бинобар аҳволи вазнини хӯҷаинам дар сандуқи дил дарди ҷонкоҳ ҳис мекардам. Ба вай, Худо нахоста, кору ҳол рӯй диҳад, ман чӣ кор мекунам?

Одаме, ки моро аз ҷарӣ баровард, як ҳафта аз дари реаниматсия дур нарафт. Чизе лозим шавад, ёфта овард. Духтурон низ хеле ҳаракат карданд. Лекин шавҳари ман...

Дар Зангиато зиндагӣ мекардем. Хеши наздик нест. Аммо ба таъзия одами зиёд омад. Ба маросими дафн низ ҳамон одам сару бар гашт.

Табобати ман тӯл кашид. Ҳамон одам аз сиҳатгоҳе ба сиҳатгоҳи дигар мебурд. Кӯдакам дар ҷойи боварнок....

Бемалол роҳ мерафтагӣ шудаму ба хона рухсат доданд. Модари он одам маро рост ба хонааш – ба Зарбед бурд.

Нағз дар хотирам: духтарчае, дар даст кӯдак, пешвоз баромад. Маро дидан замон ба гӯши тифл чизе гуфт. Ҳар қадар наздик шавам, ҳаяҷони он духтар меафзуд. Вай духтарчаи ширини "он одам"...

Дар нигоҳи аввал ба дилу дидаам ҷо шуд он духтарча.

Тахминан ду ҳафта дар он хонадон мондам. Ба Зангиато баргаштан мехостам, вале модари он одам: "Равед, майлаш, лекин бачаро намедиҳем", гуфт бо нимтабассум. "Бе бачаам ман чӣ хел меравам?" – ман низ лабханд кардам. Духтарча ҷонибам майлкунон: "Шумо ҳам наравед, гуфту омада аз дастам дошт. Илтимос, бо мо монед!".

Ҷиддӣ шудам: "Ҳамин ҷо монам? Тамоман?"

"Ҳа, гуфт модаркалони духтарча, ҳамин ҷо монед ба ин духтаракам модар шуда".

Ду сол қабл аз ин ба бемории печида, аз олам гузаштани модари духтарчаро ба ман гуфта буданд. Модари он одам келинаш шуданамро бо илтиҷо пурсида ва ба кӯдакам ишора кард: "Гардани бачаамро оғӯшкунон чӣ тавр додогӯии писаракатонро нашунидед, келин?"

Дилам пур шуда омад, ба чашмам ашк давид. Духтарча ва модаркалони вай ҳам оби дида карданд. Маъқул, гуфтам баъди сукунати вазнин, писарчаамро фикркунон. Вале он одам...

Ба хонадоршавӣ розӣ кардани писаре, ки имону андешааш мустаҳкам буд, ба зани солхӯрда осон накӯчид. Модараш гуфт: "Ба ҳамин ятимак, ки ба гарданатон часпидааст, раҳматон намеояд? Дигар ин ки ба духтачаамон модар даркор. Мана ҳамин ҷавонзан барин модари меҳрубон!"

**(Давом дорад).**

Андешаҳо

# ҲАР КАС БА ЗАБОНИ ХУД СУХАНДОН ГАРДАД...

Ба дидорбинии омӯзгори бознишаста рафтем. Суҳбат ба таъбире "қӯр" мегирифт. Баногоҳ набераи мӯйсафед вориди хона шуд. Ӯ тақрибан панҷсола буд. Гуфтанд, ки ба кӯдакистон меравад. Он ҷо кори тарбияву таълим хуб ба роҳ монда шудааст. Хонишу тарбияаш хуб аст. Шеъри зиёд аз ёд медонад. Қироати чанд сурудро хоҳиш намудем. Писарбача ду шеър қироат намуд, ҳар ду ҳам тоҷикӣ набуд...

Рӯзи дигар бо мудир ва яке аз тарбиячиёни кӯдакистон вохӯрдам. Иброз доштам, ки дар деҳоти мо намояндагони миллатҳои дигар зиндагӣ надоранд, ҷуз ду-се нафар арӯсони омада. Таълим дар мактабҳо ба забони тоҷикӣ аст. Шумо дар кӯдакистон ба кадом забон таълиму тарбия медиҳед?

– Ба забони тоҷикӣ, – ҷавоб дод тарбиячӣ.

Шеърхонии писарбачаро ёдовар шудам...

– Ин айби мо нест, – гуфт худ ва ҳамкоронашро сафед намуда. – Китобҳои бачагона ва дастурҳо ба забони тоҷикӣ нест. Бачаҳо шеърҳоро аз барномаҳои телевизион ёд мегиранд. Волидон ба таълиму тарбияи фарзанд бефарқ.

Бачаҳо расо ҳашт соати астрономӣ дар кӯдакистон таълиму тарбия мегиранд, магар ин муддат барои шунидани афсонаҳои тоҷикӣ ва аз бар намудани шеърҳо ба забони модарӣ кам аст? Пагоҳ ин бачаҳо дар мактаб ба забони тоҷикӣ таҳсил мегиранд-ку? Сомонаи «Садои тоҷик» вариантҳои электронии китобҳои зиёдро барои хурдсолон ва ҳам барои калонсолон пешкаши хонанда менамояд. Вариантҳои электронии шаш ҷилди «Афсонаҳои халқи тоҷик», «Чаро шамолак вазид» ном маҷмӯаи шеърҳои бачагонаи Шоири халқии Тоҷикистон Ҷӯра Ҳошимӣ ва даҳҳо номгӯй маҷмӯа ва асарҳои насрии расмдору рангинро пешкаши хонанда намудааст. Ҳар як тарбиячӣ метавонад аз ин хазина босамар истифода намояд. Ин амал мушкил нест, танҳо саъю ҳаракат мехоҳад. Бояд ҳар як кас масъулият ҳис кунад.

Чанде пеш ба яке аз деҳоти ободи Чинози вилояти Тошканд рафта будам. Дар он ҷо аз мактаби дуошёнаи боҳашам дидан кардам, ки таълим ба забони тоҷикӣ будааст. Гуфтанд, ки ин ҷо беш аз 3500 нафар тоҷикон будубош доранд. Дар самти дигари роҳи мумфарш рӯ ба рӯйи мактаб бинои замонавии кӯдакистон қад афрохтааст. Хостам аз он ҷо низ дидан кунам. Рӯзи якшанбе буд, посбони муассисаи таълими томактабӣ рухсат надод. Гуфтанд, ки китобхонаи бой дорад. Китоби зиёд ба забони тоҷикӣ мавҷуд, вале дар кӯдакистон таълиму тарбия ба забони ӯзбекӣ бурда мешавад, ҳол он ки дар он маҳалла намояндаи миллати дигар зиндагӣ надоштааст.

Аҷиб аст, дар як маҳалла, дар як ҷо, масофа байни мактабу муассисаи таълимии томактабӣ 30-40 метр, таълим дар мактаб ба забони тоҷикӣ ва дар муассисаи таълими томактабӣ ба забони ӯзбекӣ?! Пас кӯдакони кӯдакистон пагоҳ дар мактаб ба кадом забон таълим мегиранд? Агар ба забони ӯзбекӣ таълим гиранд, дар мактаб омӯзгори ӯзбекзабон нест.

Ин ҳамаро меандешаму як суоли хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро Амрулло Авезов ба мудири шуъбаи таълими томактабии ноҳияи Галлаосиёи вилояти Бухоро ёдам расид. «Ҳакиме фармудааст:

*Ҳар кас ба забони худ сухандон*
*гардад,*
*Донистани сад забонаш осон*
*гардад.*

Оё дар кӯдакистонҳои ноҳия, ки аксарияти аҳолӣ ба забони тоҷикӣ гуфтугӯ мекунанд, гурӯҳҳои тоҷикӣ ташкил меёбад?»

Суолест мантиқӣ, ба андеша водор мекунад. Мардум имрӯз кам китоб мехонанд. Матбуоти давриро мутолиа намекунанд. Маданияти ҳуқуқӣ ташаккул наёфта. Ҳатто баъзе тоҷикон намедонанд, ки дар Ӯзбекистон таълимгоҳҳо ба забони тоҷикӣ мавҷуд асту нашриёҳое ба ин забон табъу нашр меёбад.

Дар ин байти мондагор ҳикмати дигаре ниҳон аст. Ҳар он кас, ки ба забони модарии худ сухандон гардад, натанҳо чандин забонро аз бар мекунад, балки осоре эҷод мекунад, ки номи ӯ асрҳо зинда монда, дар ташаккули маънавияти аҳли башар саҳм мегирад. Синову Берунӣ, Улуғбекҳо ҷуз забони модарӣ чандин забонро балад буданд. Ҳамин буд, ки дар хоки шоирхези Бухоро Аҳмади Донишу Садри Зиё, Айниву Ҷалол Икромӣ, Пайраву Гулчеҳраҳо ба майдон омадаанд. Оё дар 50-60 соли охир адиберо аз Бухоро дар ин сатҳ пайдо мекунем? Оё адиберо, ки ба забони ӯзбекӣ эҷод мекунад, дар сатҳи Эркин Воҳидову Абдулло Орифов ё Ӯткир Ҳошимов пайдо кардан мумкин аст?..

Забон беҳтарин дурру гавҳари худодод аст. Забон буду ҳаст, ки одамон муносибату муошират доранд. Забон нерӯи бузургест аҳли башарро муттаҳид мекунад ва фаровонии зиндагии мардумро таъмин. Забон ҳаст, ки илму маърифат рушд меёбад.

Имрӯз дар кишвар таҳкурсии эҳёи сеюм гузошта мешавад. Ба ин замина зарур аст. Агар мо таҷриба ва моҳияти эҳёҳои якум ва дуюмро наомӯзем, пас чӣ тавр эҳёи сеюмро ба майдон меоварем! Агар мо забони модарии худро надонем, амалисозии ин мақсади стратегӣ ғайриимкон аст. Намояндагони барҷастаи эҳёи якум осори мондагори худро ба забонҳои арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ офаридаанд.

Забономӯзӣ аз оила ва сипас дар кӯдакистону мактаб сурат мегирад. Дар оила як забону дар муассисаҳои таълимӣ дигар забонро омӯхтан ҳеҷ гоҳ ба манфиати кор набуда, ба рушди маънавияту маърифат бетаъсир набудааст.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**тарғибгари мактаби рақами 30-юми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ.**

***Хатмкардаи Донишкадаи театрӣ ва рассомии Тошканд узви Иттиҳоди эҷодии рассомони Ӯзбекистон, наққоши соҳибистеъдод Ривкат Азиханов соли 1951 дар шаҳраки Каттақӯрғони вилояти Самарқанд ба дунё омадааст.***

# Ҷозибаи зиндагӣ

Чанд сол бо нашриёти «Ӯзбекистон», «Ғафур Ғулом» ва «Ӯқитувчи» ҳамкорӣ дошт. Дар коллеҷи ҷумҳуриявии ба номи Бенков аз рӯйи ихтисос ба наққошони ҷавон дарс додааст. Наққошиҳояш дар намоишгоҳҳои ватаниву хориҷӣ ба маъраз гузошта шудаанд.

Ба қарибӣ дар Хонаи фотосуратҳои пойтахт наққошиҳои мусаввир таҳти номи «Ҷозибаи ҳаёт» ба маъраз гузошта шуданд. Наққошиҳои Ривкат Азиханов асосан аз тасвирҳо иборатанд. Дар тасвирҳои ба маъразгузоштаи мусаввир олами ботинӣ ва ҳолатҳои рӯҳии ҳамзамонони ӯ тасвир ёфтаанд. Дар наққошиҳои ӯ ҳисси хотирҷамъӣ бартарият дорад.

Дар намоишгоҳ осори бо усули графика офаридаи наққош бештар ба назар мерасад. Дар ин гуна асарҳо фалсафаи дунёи фонӣ бо забони бадеӣ талқин ёфтаанд. Дар баъзе маврид дар офаридаҳои мусаввир зери ханда ҳақиқати талх нуҳуфта аст.

Намунаҳои эҷоди ӯ «Дар атрофи Каттақӯрғон», «Канали оби обанбори Каттақӯрғон», «Обанбори Каттақӯрғон», «Дар боғи ботаника», «Дар Чорбоғ», «Тобистони Чрбоғ», «Зимистони Тошканд», «Оғози тирамоҳ», «Шафақ», «Шаби маҳтобӣ»... ба бинанда натанҳо завқ мебахшанд, балки ӯро ба андеша низ водор мекунанд, ки табиатро чӣ гуна бояд ҳифз намуд...

Дар байни нигораҳо лавҳаҳои тасвирии наққош низ ба назар мерасанд, ки аз рӯйи китобҳои М. Шолохов, В. Гюго ва дигар нависандагон кашида шудаанд. Дар ин гуна асраҳои графикӣ дуздӣ, шӯрапуштӣ, бюрократизм барин иллатҳои ҳаёт инъикос ёфтаанд.

**Ҳ. АБДУНАЗАРОВ.**



*Ба 21 самти маҳфили дар мактаби варзиши бачагона ва ҷавонони рақами 1 шаҳри Нукус ташкилгардида 1 ҳазору 734 нафар хонанда аъзо мебошад. Ин ҷо 64 устодону мураббиён ба шогирдон аз атлетикаи сабук, гимнастикаи бадеӣ, кураши озод, таэквондо WTE, футбол, волейбол, каратэ WKF, кураши яккаи турон ва ғайра асрори ҳунар меомӯзанд. Тарбиятгарони мактаб дар мусобиқаҳои бонуфузи варзишӣ бо муваффақият иштирок мекунанд. Дар мусобиқаҳои чемпионати ҷаҳон, ки соли 2021 шуда гузашт, 14 варзишгар, дар чемпионати Осиё 4 нафар, дар турнирҳои байналхалқӣ 20 нафар, инчунин дар баҳсҳои миқёси ҷумҳурӣ 512 варзишгар ҷойҳои сазоворро мушарраф гардиданд.*

***Дар сурат:** дар мактаби варзиши бачагона ва ҷавонони рақами якуми шаҳри Нукус.*

***Аксбардор: М.ҲАБИБУЛЛОЕВ (ӮзА).***

# ДАСТОВАРДҲОИ ВАРЗИШГАРОНИ СИРДАРЁ

**Ҷисмонан солим ва маънан баркамол ба воя расидани насли наврас аз тамоюлҳои асосии ҷамъияти мо маҳсуб меёбад. Дар замири ислоҳоти васеъмиқёсе, ки бобати тарбия кардани насли солим амалӣ мешаванд, ҳамин мақсади нек нуҳуфтааст.**



Дар мактаби ҳамагонаи рақами 8-уми шаҳри Гулистон иншооти махсус барои намуди варзиши дзюдо сохта, ба истифода дода шуд. Дарозии толори варзиш 32 метр ва бараш 18 метр аст. Толор барои 720 нафар варзишгар пешбинӣ шуда, барои хонандагони мактабҳои вилоят бепул мебошад.

Дар чорабиние, ки бахшида ба ифтитоҳи толори мазкур баргузор шуд, ҳокими вилоят, варзишгарон, роҳбарони шуъбаҳои вилоятии федератсияҳои намуди гуногуни варзиш, корхонаву ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ ширкат варзиданд.

– Ғалабаи варзишгарони сирдарёӣ, ки дар соли 2021 ба даст оварданд, дар таърихи варзиши Ватанамон ҳамчун саҳифаи муносиб сабт гардид, – гуфт ҳокими вилоят Ғафурҷон Мирзоев. – 290 медали тилло, 372 нуқра ва 429 медали биринҷие, ки аз ҷониби варзишгарони вилоят дар мусобиқаҳои варзишии миқёси ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ба даст оварда шудаанд, далели фикрамон аст. Самараи имконият ва шароитҳои фароҳамовардашуда дар ғалабаҳое, ки варзишгарони вилоят ба даст меоранд, бараъло намоён мегардад.

Тадбире, ки дар рӯҳи танқидӣ ва таҳлилӣ баргузор гардид, ҳисоботи роҳбарони федератсияҳои варзиш шунида шуд, инчунин, чораву тадбирҳо ва вазифаҳои рӯзмарра оид ба боз ҳам инкишоф додани варзиши вилоят дар соли 2022 ба нақша гирифта шудаанд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СИРДАРЁ.*

Таърихи диёрро меомӯзем

# ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗИ ДАРБАНД

Барои ҳар шахс муҳаббат ба Ватан, аввало муҳаббат ба зодгоҳи ӯст.

Мардуми Дарбанд аз он фахр мекунанд, ки дар байни кӯҳҳои сар ба фалаккашидаи ин деҳаи бостонӣ ба дунё омадаанд. Аз оби дарёи чун оби чашма зулоли он, ки аз санг ба санг зада боз ҳам ширинтар шуда, бо номҳои "Тургон" (Тиргон – Р.А), "Дарбанд", "Шеробод" ёд мешавад, нӯшида ба воя расидаанд. Мардуми ин манзил табиатан сарбаланд, баору баномус мебошанд.

Ёд дорам, солҳои даврони шӯравӣ роҳбарони ноҳия хостанд дар Дарбанд обанбор созанд. Банда дар мақолаи "Агар дарё забон медошт" нодуруст будани ин нақшаро баён кардам. Дар байни ҳамдеҳагон ҳамфикрҳо бисёр буданд. Аз қабили инсони хушзамир Полвон Шоимов (рӯҳашон шод бод). Он кас маҳз барои табрик кардани ман ба шаҳри Тирмиз омада, нобоварона: "Писар, мақоларо худат навиштӣ ё каси дигар?" (муаллим то ҳамон вақт маро намешинохтанд) гуфта пурсиданд ва баъди бовар ҳосил кардан дучанд хурсанд шуданд.

Дарбанд маконест, ки бо гузаштаи дури худ, фарзандони обрӯмандаш фахр мекунад. Таърихи шоёнашро Полвон Шоимов барин таърихдонҳояш борҳо ба қалам додаанд. Хостаанд, ҷойгоҳи онро дар масири таърих нишон диҳанд.

Аммо саҳифаҳои нохондаи он то ҳанӯз зиёданд. Номи деҳа дар саҳифаҳои таърих зуд-зуд ба чашм мехӯрад. Агар ба навиштаҳои олими маъруфи бостоншинос, академик Эдвард Ртвеладзе, аз ҷумла дар мақолаи "Переправи и дорог Бактрии" ("Гузаргоҳ ва роҳҳои Бохтар") назар андозем, маълум мешавад, ки Дарбанд ҳам дар гузашта ва ҳам имрӯз маскани муҳими стратегӣ будааст: "Дар гузаргоҳҳои Тирмиз, Чӯчқа-Гузар ва Шӯроб, ки роҳҳоро ба шимол ва шимолу шарқ мебурд ҳаёт хеле ривоҷ ёфта буд. Аз он ҷо бо роҳи Тирмиз – Дарбанд (Дарвозаи оҳанин), бо роҳи Ангор ва Шеробод манзилгоҳҳои давраи аҳамониҳо (Ҷондавлаттепа) маълум шудааст. Дарбанд дар қарнҳои гузашта ҳамчун маҳалли боҷгирон мавқеъ доштааст"...

Боғу роғҳои деҳаи Дарбанд, чашмаҳои чун оби ҳаёт равонфизояш ва умуман ҳусни онро яке аз воқеанигорони давраи Шайбонихон шоир Муҳаммад Солеҳ (асри XVI) дар "Шайбонинома"-аш ба тасвир кашидааст. Мо ин ҷо лозим донистем танҳо чанд байтро аз он баҳри таассуроти бештаре пайдо кардан намуна овардем:

*Бор бу тоғнинг устида*
*фалак,*
*Кӯринур том узра тӯн*
*ёйғонтак.*
*Бир ёғоч бор бу ики тоғ*
*ароси,*
*Қаболи боғ аро булоғ*
*ароси.*
*Чашмалар суви равон ҳар*
*ёндин,*
*Тозароқ оби ҳаёти жондин...*

**(Шайбонинома. саҳ. 149-150).**

Аз манбаъҳо маълум мешавад, ки Дарбанд дар гузашта соҳиби корвонсаро будааст ва он аз нигоҳи ҷойгузинӣ қадимтарин корвонсарой ба шумор рафта дар Осиёи Марказӣ мавқеи хосса доштааст. Вале, мутаассифона, ҳоло аз ин манобеи таърихӣ танҳо хотира мондаасту халос.

"Дарвозаи оҳанин" аз ёдгориҳои таърихии деҳаи Дарбанд буда, дар манбаъҳои таърихию археологӣ зуд-зуд қайд мегардад. Дар ин бора олимони маъруф Бартолд, Веало, Пославская, Клашторний, Логофет ва ғайра дар асарҳои худ зикр кардаанд.

Маълумоти куҳантаринро дар хусуси "Дарвозаи оҳанин" Сюан-Тсзян (наздик ба с. 630) ба таври зайл баён намудааст: "Гузаргоҳ аз ду тараф бо кӯҳ пӯшида шудааст. Кӯҳи мазкур ба таври ғайриоддӣ баланд буда, дар миёни он роҳи танг мавҷуд аст, ки бо номи "Дарвозаи оҳанин" ёд мешавад.

Ҷойи аслии Дарвозаи оҳанин аввалин бор аз тарафи Н. А. Масвим соли 1875 маълум гашт. Баъдтар ин кор ба ҷуғрофидон О.Пославской муяссар гардид.

Имрӯз деҳаи Дарбанд аз нигоҳи мавқеъ нуқтаи муҳиме дар ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Дар солҳои истиқлолият он гӯё боз мавқеи таърихиашро соҳиб шудааст. Роҳи оҳан, ки аз миёни ду кӯҳи азим гузаштааст, ҳайратангез аст. Мардуми деҳа алҳол ба ояндаи неку дурахшони он эътимод доранд.

Дарбанд ҷойи зебоманзар аст. Аксарияти мардуми он шоиртабъ буда, дар ин ҷо бисёр шоирон, олимон, инсонҳои обрӯманд ба воя расидаанд. Баёзи "Сарводаи Сурхон" ки дар он осори 14 нафар эҷодкорони зодаи деҳаи Дарбанд низ ҷой дода шудааст, ба дурустии ин гуфтаҳо далолат мекунад.

**Рамазон АБДУЛЛОЕВ,**
**устоди ДД Тирмиз.**

# МУЛОҲИЗАҲО ДАР БОРАИ ТАРЗИ ТАЪЛИМИ ИБОРА

**(Аввалаш дар саҳ.3).**

Ҳамин тавр соати якуми ба мавзӯи "Ибора" ҷудокардашуда, омӯзонда мешавад. Дарси 7, ки дар саҳифаи 19-уми китоб оварда шудааст, "Калимаҳои асосӣ ва тобеъ дар ибора" ном дорад.

Дар ин соати дарсӣ омӯзгор метавонад дар тахтаи синф ибораи содаеро навишта, аввал аз талабагон аз чанд ҷузъ ё аз чанд калимаи мустақил сохта шудани онро пурсад. Сипас, ба фаҳмондани мавзӯъ пардохта метавонад бигӯяд, ки дар ибора яке аз калимаҳо асосӣ буда, боқимонда барои шарҳи он меоянд. Калимаи асосӣ тобеъкунанда (муайяншаванда), калимаи шарҳу эзоҳдиҳанда – тобеъшаванда (муайянкунанда) ба шумор меравад. Дар вақти муайян кардани вазифаи калимаҳои ибора истилоҳҳои тобеъкунанда, тобеъшаванда ё ин ки муайяншаванда, муайянкунанда интихоб карда мешавад. Дар болои калимаи тобеъкунанда аломати зарб (x) ва дар болои калимаи тобеъшаванда аломати камонак гузошта мешавад. Калимаи тобеъкунанда бо калимаи тобеъшаванда бо воситаи бандаки изофӣ (и) ва бе иштироки он ба ҳамдигар алоқаманд мегардад. Дар ибора кадом ҳиссаи нутқ асосӣ – тобеъкунанда бошад, ибора ҳамон номро мегирад. Агар калимаи асосии ибора исм бошад, онро ибораи исмӣ, сифат бошад, ибораи сифатӣ, шумора бошад, ибораи шуморавӣ, ҷонишин бошад, ибораи ҷонишинӣ, феъл бошад, ибораи феълӣ, зарф бошад, ибораи зарфӣ меноманд гуфта, ба хонандагон маълумоти назарӣ дода мешавад.

Пас, биёед, дар ин бахш аз мисолҳои мавзӯъ дур нарафта тарзи фаҳмондани роҳи осони онро пеш гирем. Масалан, ба машқи 27-уми китоб рӯй меоварем, ки матлаби он чунин аст: "Калимаҳои асосӣ ва тобеи ибораҳоро муайян кунед: "Парчами давлатӣ, мактуб навиштан". Дар тахтаи синф ин ду ибораро менависем.

Тавре ки гуфта гузаштем, дар ибора яке аз калимаҳо асосӣ буда, боқимонда ба шарҳи он меоянд ва агар чунин бошад, кадоми ин калимаҳоро асосӣ меҳисобем ва барои чӣ? Масалан, парчами давлатӣ – чӣ хел парчам? Ба хонандагон фаҳмондан зарур, ки бо аввалин саволи гузошташуда, ки бо он ҷузъи тобеъ муайян карда мешавад, калимаи тобеъкунанда низ номбар мешавад.

Пас аз фаҳмондани ин ду мисол ба таври қиёсӣ, аллакай донишомӯзон маълумоти умумии муайян кардани калимаи асосӣ ва тобеъро ёд мегиранд. Ва ҳамин тавр, машқҳои 27, 28-уми китоб аз ҷониби талабагон иҷро карда мешавад.

Бояд омӯзгор дар ҳар дарс ҳангоми таҳким бахшидани мавзӯи мавриди назар ба ҳаллу фасли он диққати асосӣ диҳад. Зеро таълими дуруст ва возеҳи ибора барои инкишофи нутқи мураттаби хонандагон хазинаи бебаҳост.

**Ҳикмат СУЛТОНЗОДА,**
**устоди Донишкадаи давлатии омӯзгории Чирчиқ.**

***Дар Қасри фарҳанги Донишкадаи давлатии омӯзгории Ҷиззах бо ибтикори бахши вилоятии Агентии рушди хидматҳои давлатии назди Президент, Садорати амнияти давлатӣ ва узви Клуби лидерҳои оянда таҳти мавзӯи «Таъсири ғояҳои бегона ба тафаккури ҷавонон, амнияти ахбор ва ҳимоя аз таҷоҳуму хурӯҷи он» таҳлил ва баррасии лоиҳаи геосиёсӣ доир гардид.***

# ТАҲЛИЛИ ЛОИҲАИ ГЕОСИЁСИИ ҶАВОНОН

Дар он нахуст коршиносон дар хусуси мазмуну моҳият ва аҳамияти ҳафт самти устувори Стратегияи рушд сухан гуфтанд.

– Мо тӯли панҷ соли сипаригардида панҷ самти устувори Стратегияи ҳаракатро ба ҳаёт татбиқ сохтем. Тавре ки маълум аст, самти аввали он ба сохтмони давлату ҷомеаи шаҳрвандӣ равона карда шуда буд, акнун дар самти аввали Стратегияи рушд бошад, қадру манзалати инсон дар ҷойи асосӣ қарор дорад, – гуфтанд маърӯзачиён.

Дар ҷамъомад дар бораи воқеа ва ҳодисаҳои дар кишварҳои гирду атроф рухдода, ҳимоя аз хурӯҷи ахбори гуногуне, ки айни замон дар майдони геосиёсии ҷаҳон ҷой доранд ва хулосаҳои даркорӣ баровардан аз чунин воқеаҳо сухан рафт.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Ҷонишини сармуҳаррир
Тоҷибой ИКРОМОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-225. Адади нашр 752 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 20.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.